# Овози тоҷик

Бани одам аъзои якдигаранд!

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

29 октябри соли 2022
Шанбе
№ 86 (14890)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz,
ovozi@list.ru


# ДАВРАИ НАВ ДАР МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИ ӮЗБЕКИСТОН ВА ИТТИҲОДИ АВРУПО



**27 октябр ба мамлакатамон Президенти Шӯрои Аврупо Шарл Мишел ташриф овард.**

28 октябр меҳмони олимартаба аз боғи «Янги Ӯзбекистон» боздид намуд ва ба пояи Муҷассамаи истиқлолият гулчанбар гузошт.

Дар қароргоҳи «Кӯксарой» Шарл Мишелро Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев пешвоз гирифт. Суратгирии якҷоя ба вуқӯъ пайваст.

Пас аз он мулоқотҳо дар дараҷаи олӣ шурӯъ гардиданд.

Дар суҳбат масъалаҳои муҳими минбаъд вусъат додани ҳамкории доманфарох баррасӣ гардида, табодули афкор доир ба мавзӯъҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ ба амал омад.

Дар бораи идома додани кори якҷоя оид ба вусъат додани ҳамкории амалӣ бо мақсади ҳамдастӣ ба татбиқи барномаи бозсозиҳои демократӣ ва ислоҳоти иқтисодӣ дар мамлакатамон, пеш аз ҳама дар соҳаҳои инноватсия, иқтисодиёти «сабз», рақамисозӣ аҳду паймон ба вуҷуд омад.

Ғайр аз ин, масъалаи таҳияи «харитаи роҳ» оид ба татбиқи пешниҳодот ва ташаббусҳое, ки Ӯзбекистон дар ҷараёни ҳамоиши «Осиёи Марказӣ – ИА» пешбарӣ намуд, ҳамоҳанг карда шуд.

Бинобар натиҷаҳои мулоқот Президент Шавкат Мирзиёев ва Президенти Шӯрои Аврупо Шарл Мишел барои матбуот изҳороти муштарак қабул карданд.

28 октябри соли 2022 дар шаҳри Тошканд мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Шӯрои Аврупо Шарл Мишел баргузор гардид.

Зимни мулоқот, ки дар муҳити дӯстона ва гарм гузашт, Президент Шавкат Мирзиёев ва Президент Шарл Мишел собит намуданд, ки дар солҳои охир муносибати байни Ӯзбекистон ва Иттиҳоди Аврупо ба дараҷаи сифатан нав баромад ва хусусияти фарогир касб намуд.

Ҷонибҳо аз кӯшиши Иттиҳоди Аврупо ба мустаҳкам намудани алоқаҳо ва ҳамкории минтақавӣ бо Ӯзбекистон ва Осиёи Марказӣ истиқбол намуданд.

Дар бораи пиёда намудани кӯшишоти муштарак бо мақсади ба муносибати байни Ӯзбекистон ва ИА бахшидани таҳрики нав ва минбаъд амиқ сохтани онҳо тавофуқ ба вуҷуд омад.

Фаъолияти сермаҳсули механизмҳои муштараки эҷодшудаи ҳамкории дуҷониба ва байниминтақавӣ мусбат арзёбӣ гардид. Омодагӣ ба кӯшиши муштарак бо мақсади минбаъд баланд бардоштани самаранокии истифодаи потенсиал ва имконоти онҳо изҳор гардид.

Ҷонибҳо тасдиқи Мувофиқаро дар бораи шарикӣ ва ҳамкории васеъ истиқбол намуданд, ки дар муносибати байни Ӯзбекистон ва Иттиҳоди Аврупо саҳифаи нав боз намуда, ба мустаҳкам намудани ҳамкорӣ дар заминаи масъалаҳои гуногуни васеъ дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, бехатарӣ ва ҷанбаи инсонӣ мусоидат менамоянд.

Президентҳо изҳори умед намуданд, ки ин ҳуҷҷати калидӣ ба зудӣ имзо ва ратификатсия хоҳад гардид.

Ҷонибҳо изҳор намуданд, ки дар корҳои байналхалқӣ ва муносибати дуҷониба ҷиддан Оинномаи СММ ва меъёрҳои эътирофгардидаи ҳуқуқи байналхалқиро мураот менамоянд, ҳамкориро дар асоси принсипҳои баробарҳуқуқӣ, ҳусни тафоҳум ва боназардошти манфиати ҷонибҳо риоя мекунанд.

Ҷониби Аврупо дастгирии ҷиддии сиёсати ислоҳотро, ки дар доираи Стратегияи рушди Ӯзбекистони Нав татбиқ мегардад, собит намуд ва изҳори умед кард, ки онҳо босубот ва бебозгашт мегарданд.

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР НАХУСТИН НИШАСТ ДАР ФОРМАТИ «ОСИЁИ МИЁНА – ИТТИҲОДИ АВРУПО»

Ҳамкасбони азиз!

Муҳтарам ҷаноби Мишел!

Бори дигар ҳамаи иштирокчиёни нахустин нишасти «Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо»-ро самимона табрик мегӯям.

Ман ба суханони миннатдории Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон, муҳтарам Қасим-Ҷомарт Кемелевич Тоқаев барои ташкили чорабинии мо ҳамроҳ мешавам.

Мо ин форматро ҳамчун як платформаи муҳим ва серталаб барои пешбурди ҳамкориҳои амалӣ, таҳкими боварӣ, шарикӣ ва робитаи мутақобила мебинем.

Мо тарафдори характери доимӣ додан ба мулоқотҳои мо ҳастем.

Муҳтарам иштирокчиёни ҳамоиш!

Сарфи назар аз оқибатҳои пандемия ва даъватҳои замонавӣ, мо татбиқи стратегияи ислоҳоти бебозгаштро дар Ӯзбекистони Нав идома медиҳем.

Вазифаи аввалиндараҷаи мо ташаккули давлати тавонои ҳуқуқбунёд бо механизмҳои самарабахши бозорӣ, инчунин сатҳи баланд ва шароити бароҳати зиндагӣ мебошад.

Имрӯз дар Ӯзбекистон, ки дар он беш аз нисфи аҳолии Осиёи Марказӣ зиндагӣ мекунанд, афзоиши фаъоли демографӣ ба назар мерасад, ки барои рушди устувори дарозмуддати кишвари мо заминаи мустаҳкам ва манбаи тавоно ба вуҷуд меорад.

Мо аз комёбиҳои ба даст овардаамон саргарм нашуда, миқёси дигаргунсозиҳоро зиёд карданием.

Сухан пеш аз ҳама дар бораи волоияти қонун, дастгирии ҳамаҷонибаи институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмини ҳуқуқи инсон ва баробарии гендерӣ, озодии баён ва дин меравад.

Дар самти иқтисодӣ мо минбаъд низ барои соҳибкорон шароити мусоид фароҳам меорем, мубориза и оштинопазирро бар зидди коррупсия идома медиҳем ва ба рушди муҳити рақобатпазир ва инноватсионӣ мусоидат мекунем.

Аз фурсат истифода бурда, мехоҳам ба шумо, муҳтарам Президент Мишел, ба ҳамаи дӯстон ва шарикони аврупоӣ барои дастгирии доимии кӯшишҳои мо самимона ташаккур гӯям.

Муҳтарам сардорони ҳайатҳои вакилон!

Мо дарк мекунем, ки рушди дарозмуддат ва устувори кишвари мо бо субот ва некӯаҳволии тамоми Осиёи Марказӣ робитаи ногусастанӣ дорад.

Аз ин рӯ, Ӯзбекистон рӯзномаи ҳамсоягии нек ва шарикии минтақавиро устуворона пеш мебарад. Дар натиҷаи талошҳои муштарак дар Осиёи Марказӣ фазои комилан нави сиёсӣ ташаккул ёфт.

Дар давоми чанд сол бисёр проблемаҳое, ки дар давоми даҳсолаҳо ҷамъ шуда буданд ва амалан ба ҳалли он касе бовар намекард, ҳал шуд. Тавре ки ҳамкасбони ман аллакай қайд карданд, механизми муассири вохӯриҳои мунтазами машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ таъсис ёфтааст.

Мо пеш аз ҳама исбот кардем, ки қодирем ба манфиати амният ва шукуфоии умумминтақавӣ ба созиш оем.

Ҷаноби Мишел, чанд мисол меорам, ки ба шумо барои фаҳмидани умқи пурраи тағйирот кумак мекунанд.

Шаш сол пеш марзҳои мо бо кишварҳои алоҳидаи минтақа баста буданд. Савдои мутақобила амалан инкишоф намеёфт, мо берун аз минтақа шарикони иқтисодӣ меҷустем. Алоқаи муътадил, равобити нақлиётӣ, мубодилаи фаъоли гуманитарӣ вуҷуд надошт.

Имрӯз вазъият ба куллӣ тағйир ёфтааст. Тартиби бидуни раводид ҷорӣ кардем ва ҳама гузаргоҳҳоро боз намудем. Басомади парвозҳо ва нақлиёти рӯизаминиро барқарор ва зиёд кардем.

Муомилоти амволи Ӯзбекистон бо кишварҳои минтақа даҳ баробар афзоиш ёфт.

Алоқаҳои кооперативӣ мустаҳкам шуда, ширкатҳои муштараки сармоягузорӣ ва дигар воситаҳои молиявӣ барои татбиқи лоиҳаҳои калон созмон дода шуданд.

Албатта, дар минтақа ҳанӯз масъалаҳои ҳалнашуда ҳастанд. Вале мо боварии комил дорем, ки иродаи қавии сиёсӣ ва рӯҳияи умумии бунёдкоронаи мо ба боз ҳам наздик шудани мамлакатҳо ва халқҳои бародарии ин минтақа мусоидат мекунанд.

Ва ман самимона умедворам, ки Иттиҳоди Аврупо минбаъд низ ин ҳадафҳои наҷиброро дастгирӣ хоҳад кард.

Ҳамкасбони азиз!

Мо ҷонибдори пайваста амиқтар шудани ҳамкории минтақаамон ва Иттиҳоди Аврупо дар самтҳои афзалиятноки зерин ҳастем.

Дар остонаи нишаст мо дар Ӯзбекистон вазъи ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодиро таҳлил кардем.

Воқеан, динамикаи афзоиши муомилоти мол бо кишварҳои Иттиҳоди Аврупо пас аз ворид шудани кишвари мо ба низоми имтиёзноки савдои «GSP+» ҳайратовар аст. Аз аввали сол содироти маҳсулоти Ӯзбекистон бо арзиши баланди иловагӣ тақрибан ду баробар афзоиш ёфтааст.

Аммо, мутаассифона, нишондиҳандаҳо ба таври мутлақ ба имкониятҳои назарраси мавҷуда ҳанӯз мувофиқат намекунанд.

Мо мефаҳмем: барои он ки дар бозори Аврупо бо номгӯи маҳсулоти тайёр ва ашёи хом ба таври бояду шояд рақобат кунем, ба мамлакатҳои мо лозим меояд, ки як қатор масъалаҳоро ҳал кунанд.

Якум, ин кафолат додани он аст, ки маҳсулоти саноатии мо ба стандартҳои баланди аврупоӣ ва қоидаҳои техникӣ мувофиқат кунанд.

Дуюм, созмон додани долонҳои самарабахши нақлиётию логистикӣ барои дастрасии оптималӣ ба бозорҳои Иттиҳоди Аврупо бо дарназардошти маҳдудиятҳои ҷорӣ, пеш аз ҳама рушди масири мултимодалии Транс-Каспӣ.

Сеюм, гузаронидани тадқиқоти муштараки маркетингӣ, чорабиниҳои мақсаднок ва таблиғот, то ки молҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ аз ҷониби истеъмолкунандагони аврупоӣ шинохта ва мавриди ниёз қарор гиранд.

Илова бар ин, дар бисёре аз кишварҳои минтақаи мо – ба фикрам, ҳамкасбонам маро дастгирӣ хоҳанд кард, – ба сармоягузорӣ ва технологияҳои аврупоӣ ниёзи зиёд вуҷуд дорад. Масалан, дар Ӯзбекистон ҳамагӣ тақрибан 900 корхонаву лоиҳаҳои муштарак бо ширкатҳои Аврупо фаъолият мекунанд.

Дар ин шароит мо аз дигар минтақаҳои ҷаҳон сармоя ва қарзҳоро ҷалб мекунем. Ҷойҳои бозорҳои моро, ки онҳоро ширкатҳои аврупоӣ ишғол карда метавонанд, аз ҷониби рақибон аз кишварҳои сеюм азхуд карда мешаванд.

Барои ҳалли муназзами ҳамаи ин масъалаҳо мо пешниҳод менамоем, ки дар сатҳи ноиби сарвазирони ҳукуматҳоямон Кумитаи ҳамкориҳои иқтисодии “Иттиҳоди Аврупо – Осиёи Марказӣ” таъсис дода шавад.

Дар доираи фаъолияти сохтори мазкур таҳияи барномаи дарозмуддати стратегии амиқтар кардани ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва рушди ҳамбастагии нақлиётию коммуникатсионӣ, ки ҳадаф ва вазифаҳои ташаббуси «Дарвозаҳои ҷаҳонӣ»-ро дар бар мегирад, бамаврид аст.

Мо пешниҳод менамоем, ки ҷаласаи аввали кумита баҳори оянда дар Самарқанд дар арафаи ҷамъомади солонаи Шӯрои идоракунандагони Бонки аврупоии таҷдид ва рушд баргузор шавад.

Муҳтарам иштирокчиёни ҳамоиш!

Иттиҳоди Аврупо шарики асосии мо дар соҳаи рушди «сабз» мебошад.

Мо ҷониби Аврупоро даъват менамоем, ки дар татбиқи барномаи «Рӯзномаи сабз»-и дар минтақаи мо қабулшуда, аз ҷумла ба самтҳои мушаххаси зерин: васеъ ҷорӣ намудани инноватсияҳои экологӣ, технологияҳои каммасраф ва захираҳо, рақамикунонии соҳаҳои иқтисодиёт, рушди кишоварзии «оқил» тавассути шабакаи аврупоии «Smart -AKIS», истифодаи иқтидори манбаъҳои барқароршавандаи энергия фаъолона ҳамроҳ шаванд.

Мо ҷонибдори баргузории Конфронси навбатии сатҳи баланд «Иттиҳоди Аврупо – Осиёи Марказӣ» оид ба муҳити зист ва захираҳои об дар моҳи феврали соли оянда дар Рим ҳастем.

Аз рӯи натиҷаҳои он мо муҳим мешуморем, ки «харитаи роҳ» бо қадамҳои мушаххас, амалӣ ва чорабиниҳо таҳия карда шавад.

Дар соҳаи гуманитарӣ ҳамкориҳои моро дар чунин соҳаҳо, аз қабили мубодилаи таълим ва инноватсия, робитаҳои фарҳангӣ ва сайёҳӣ фаъол кардан зарур аст.

Дар доираи барномаҳои «Erasmus+» ва «Уфуқи Аврупо» мо пешниҳод менамоем, ки Лоиҳаи ҷорӣ намудани усулҳои пешрафтаи аврупоии таҳсилот, ташкили тадқиқоти муштараки фундаменталӣ ва ҷорӣ амалӣ ҷорӣ карда шавад.

**(Давомаш дар саҳ.3).**

# ТАВАҶҶУҲ БА ТАШАББУСҲОИ ТОШКАНД АҲАМИЯТИ ОНРО ДАР МУКОЛАМАИ БАЙНИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА ФАЪОЛОНИ ҒАЙРИМИНТАҚАВӢ БАЛАНД МЕБАРДОРАД

***Президенти Ӯзбекистон дар нишасти нахустини сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо, ки 27 октябр дар пойтахти Қазоқистон – шаҳри Остона баргузор шуд, иштирок кард.***

Ширкати сарвари давлатамон дар ин нишаст ва пешниҳоду ташаббусҳои ӯ ҷиҳати густариши ҳамкориҳо, ки зимни суханронии ӯ дар нишаст садо дод, акси садо ва дастгирии намояндагони доираҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва коршиносию таҳлилии байналмиллалиро пайдо мекунад.

**Роҳбари клуби сиёсатшиносони «Қавкази Ҷанубӣ» Илгар Велизода:**

– Нишасти «Осиёи Марказӣ – Иттиҳоди Аврупо» таваҷҷуҳи марказҳои гуногуни байналмилалии қудратиро дар ин минтақа нишон медиҳад.

Танҳо дар оғози сол нишасти сарони кишварҳои «Осиёи Марказӣ – Чин», моҳи октябр мулоқот дар формати «Осиёи Марказӣ – ИМА» баргузор гардид.

Мавқеи марказии Ӯзбекистон дар минтақа, таваҷҷуҳ ба ташаббусҳои Тошканд аҳамияти онро дар муколамаи байни давлатҳои Осиёи Марказӣ ва фаъолони ғайриминтақавӣ баланд мебардорад. Дар ин бобат ташаббуси Президенти Ӯзбекистон дар бораи таъсиси Кумитаи ҳамкории иқтисодии «Осиёи Марказӣ – Иттиҳоди Аврупо» дар сатҳи ноиби сарвазирон сазовори таваҷҷуҳи махсус аст. Он ҷиҳати ба сатҳи сифатан нав бардоштани муносибатҳои кишварҳои ду минтақа, таҳкими ҳамкориҳои институтсионалии Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо пешбинӣ шудааст.

**Коршиноси Осиёи Марказӣ, президенти Ассотсиатсияи «Полша – Шарқ», профессор Ежи Брилл:**

– Нишаст дар шароити ба вуҷуд омадани низоми нави геосиёсӣ, бозсозии аҳамияти сиёсӣ ва иқтисодии қудратҳои пешрафтаи ҷаҳон сурат гирифт. Ҳамоишро мо ҳамчун кӯшиши санҷиши дараҷаи эътимод ва омодагӣ барои идомаи наздикшавии кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ нисбат ба ҳамдигар, ҷилавгирӣ аз шикасти дастовардҳои дар даҳсолаҳои охир байни ниҳодҳои бисёрҷониба ва дуҷониба дар соҳаи сиёсат, тиҷорат, ҳуқуқи байналмиллалӣ ба даст омада, имзои созишномаҳои институтсионалии Иттиҳоди Аврупо – Осиёи Марказӣ дар бораи шарикӣ ва ҳамкорӣ қабул менамоем.

Чи хеле ки натиҷаҳои ҳамоиш нишон дод, ин формат аҳамият ва муҳимияти худро гум накарда, бинобар мақсаду вазифаҳои худ, ки дар рафти вохӯрӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт, рӯз аз рӯз фаъолтар, пешгӯишаванда мегардад. Барои Иттиҳоди Аврупо, ва, албатта, то андозае барои ҳар як кишвари Аврупо, минтақаи Осиёи Марказӣ, пеш аз ҳама, аз нигоҳи геоиқтисодӣ аҳамияти хосса дорад.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# ОЗОДИИ СУХАН ВА АМАЛИЁТИ ҚОНУНГУЗОРӢ

***26 октябри соли равон бо ҳамкории Кумитаи Сенат оид ба масъалаҳои сиёсати ахбор ва таъмини рӯшодӣ дар мақомоти давлатӣ ва Иттифоқи журналистон доир ба мавзӯи «Журналистикаи Ӯзбекистони Нав: озодии сухан ва амалиёти қонунгузорӣ» суҳбати «мизи мудаввар» баргузор шуд.***

Дар мамлакатамон солҳои охир доир ба пурзӯр намудани ҳифзи манфиатҳои қонунии расонаҳои ахбори оммавӣ, дастгирии ҳамаҷонибаи фаъолияти онҳо, беш аз пеш афзун гардондани тавону салиқа ва рақобатпазӣ ва рушди соҳаи журналистика корҳои васеъмиқёс ба амал татбиқ мегарданд.

Бахусус, ба тасвиб расидани қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи чорабиниҳо доир ба дастгирии расонаҳои ахбори оммавӣ ва рушди соҳаи журналистика», аз 27 июни соли 2022, корҳоро дар ин самт ба зинаи нав баровард.

Дар суҳбат қайд гардид, ки ба мақсади иҷрои вазифаҳои дар қарор пешбинишуда аз ҷониби Иттифоқи журналистони Ӯзбекистон ташкили «Мактабҳои маҳорат», созмон додани шаҳраки замонавии медиа барои журналистон ва бо манзили зист таъмин намудани журналистони ниёзманду фаъол дар назар дошта шудааст.

Ҳамчунин, дар гирдиҳамоӣ таъкид гардид, ки дар кишварамон дар боби озодии сухану матбуот гардиши куллӣ рӯй медиҳад. Хоссатан, медиа ва блогҳои хусусӣ дар рӯзгори рӯзмарра ҷойгоҳи худро пайдо карда, пайи ошкор сохтани камбудиву мушкилоти зиндагӣ пешдастиро аз даст намедиҳанд.

Ба тасвиб расидани ҳуҷҷати меъёриву ҳуқуқии таъсиргузор дар соҳа ва татбиқи ислоҳот ба афзудани теъдоди РАО замина фароҳам овард. Имрӯз дар ҷумҳурӣ 2082 расонаи ахбори оммавӣ фаъолият доранд, ки аз ин миқдор 629-тоашон рӯзнома, 587 маҷалла, 19 ахбору бюллетен, 72 шабакаҳои телевизионӣ, 5 агентии ахбор ва 727 нашрҳои интернетианд.

Пайдост, ки масъалаи садди роҳгузориҳо ба кору фаъолияти расонаҳои ахбори оммавӣ ва журналистон, ба ҷавобгарӣ кашидани монеагузорон дар байни аҳли ҷомеа ба таври густурда муҳокима гардида буд. Дар чорабинӣ баромадкунандагон сари ба лоиҳаи Конститутсия ворид намудани ин масъала истода гузаштанд.

Ба ҷуз ин, дар суҳбати давра қайд гардид, ки тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, аз 14 июни соли 2022, барои баҳогузорӣ ба шаффофияти мақомоту созмонҳои давлатӣ Индекси рӯшодӣ ҷорӣ карда шудааст.

Пешбинӣ шудааст, ки тибқи ин Фармон бино ба татбиқи таъмини ошкорой ва чораҳои андешидашуда дар ин самт роҳбарони якуми мақомот ва созмонҳои давлатӣ ҳар нимсола дар ҷамъомадҳои Сенати Олий Маҷлис ҳисобот хоҳанд дод.

Дар баробари ин, яке аз дигаргуниҳои муҳими қонунгузорӣ — дар кодекси Ҷумҳурии Ӯзбекистон оиди ҷавобгарии маъмурӣ нисбати шахсони мансабдор пешбинӣ шудани ҷавобгарӣ барои халалдор сохтани ошкорой дар фаъолияти мақомоти идора ва ҳокимияти давлатӣ баррасӣ гардид.

Дар чорабинӣ мутахассисон соҳа ба саволҳои намояндагони расонаҳои ахбори оммавӣ посух доданд.

**Хидмати ахбори Сенати Олий Маҷлис**

# ДАВРАИ НАВ ДАР МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИ ЎЗБЕКИСТОН ВА ИТТИҲОДИ АВРУПО

(Аввалаш дар саҳ.1).

Президентҳо гуфтугўйи муфид ва ҳамкории фаъолро дар соҳаи ҳуқуқи инсон, демократия ва волоияти қонун олӣ арзёбӣ намуданд. Ҷонибҳо ҷиддан азм дорад, ки минбаъд низ барои мустаҳкам намудани ҳамкорӣ байни Ўзбекистон ва ИА дар ин самт ҳамкорӣ намоянд.

Роҳбари Шўрои Аврупо бо қаноатмандӣ эътибори рўзафзуни роҳбарияти Ўзбекистонро ба масъалаҳои таъмини баробарии ҷинсӣ, дастгирии ҳуқуқ ва манфиатҳои занон, ҷавонон ва кўдакон таъкид кард ва омодагии ИА-ро ба идома додани ҳамкории ҳамаҷониба дар татбиқи лоиҳа ва барномаҳои ин ҷанбаҳо бовар кунонд. Иттиҳоди Аврупо аҳамияти эҳтироми пурраи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсонро таъкид кард.

Эътибори афзалиятнок ба масъалаҳои ҷалби сармояҳои бевосита, технологияи навтарин, таҷрибаи пешқадам ва стандартҳои баланди ширкатҳои ИА ба Ўзбекистон нигаронда шуд.

Президентҳо рушди муттасили ҳамкории байни Ўзбекистон ва Иттиҳоди Аврупоро дар соҳаҳои иқтисодиёт, савдо ва сармоя истиқбол намуданд. Дар ин самт моҳи апрели соли гузашта ба Ўзбекистон додани мақоми мамлакати бенефисиари низоми «GSP+» иқдоми муҳим шумурда шуд, ки ин барои дастрасиро ба гузоштани номгўйи васеи маҳсулоти Ўзбекистон ба мамлакатҳои ИА бидуни гумрук боз намуд.

Ҷонибҳо ногузирии қабули кўшишоти муштарак бо мақсади тезондани татбиқи Стратегияи ИА оид ба Осиёи Марказӣ ва ҳамчунин баргузор намудани Анҷумани «ИА – Осиёи Марказӣ» оид ба равобити ҳамдигар 18 ноябри соли 2022 дар шаҳри Самарқанд: «Дарвозаҳои ҷаҳонӣ» барои рушди устувор» истиқбол намуданд.

Ҷониби Ўзбекистон зимни анҷуман қабул намудани «харитаи роҳ» оид ба татбиқи лоиҳаҳои муштарак дар ҷанбаҳои афзалиятноки ҳамкориро барои пешниҳод намудан омодааст.

Ба сифати омили низомнок барои вусъат додани савдои тарафайн ба вуҷуд овардани даҳлезҳои суботноки нақлиётӣ, аз он ҷумла инкишофи Хати мултимодали фарокасбӣ муқаррар карда шуд.

Президентҳо аҳамияти вусъат бахшидани иқтидорҳои бандарҳо, афзудани паркҳои паром ва роҳи оҳан, ҳамоҳангсозии тартиби гумрук, татбиқи низоми рақамисозӣ барои коркарди бор ва убури сарҳадро таъкид намуданд. Татбиқи чунин лоиҳаҳо комилан ба мақсад ва вазифаҳои ташаббусҳои «Дарвозаҳои ҷаҳонӣ»-и ИА мувофиқ аст.

Ҷониби Ўзбекистон аҳамияти сохтмони роҳи оҳани «Тирмиз – Мазори Шариф – Кобул – Пешовар»-ро таъкид намуд, ки ба амиқсозии равобит мусоидат менамояд.

Ҷониби Ўзбекистон омодагии худро барои ба вуҷуд овардани шароити ногузир ба ҷалби сармояи бевоситаи хориҷӣ, аз он ҷумла аз ширкатҳои ИА, изҳор намуд.

Ҷонибҳо тасдиқ ва шурўъи татбиқи Барномаи ҳамкории бисёрсолаи индикативии молиявиву техникии ИА-ро барои солҳои 2021-2027 барои Ўзбекистон истиқбол намуданд.

Онҳо аҳамияти истифодаи ҳамкории муфиди тарафайни молики аҳамияти бузурги ҳамкориро дар соҳаҳои рақамисозӣ, иқтисодиёти «сабз» ва самарабахшии энергетикӣ ва истифодаи об, аз он ҷумла бо роҳи татбиқи таҷрибаи пешқадами аврупоӣ ва татбиқи лоиҳаҳои муштарак дар ин соҳаҳоро таъкид намуданд.

Ба Иттиҳоди Аврупо барои дастгирии ҳамешагии ташаббусҳои Ўзбекистон оид ба масъалаҳои обу экология, аз он ҷумла дар бобати таъсиси Фонди бисёршарикии трасти СММ оид ба бехатарии инсон барои минтақаи ҳавзаи Арал миннатдорӣ баён гардид. Ҷонибҳо дар бобати аҳамияти идома додани фаъолияти он ҳамфикр ҳастанд.

Аҳамияти амиқсозии ҳамкорӣ дар соҳаҳои таълим ва илм, аз он ҷумла бо истифода аз потенсиали барномаҳои «Erasmus+» ва «Horizon Europe» таъкид ёфт. Ҷонибҳо татбиқи нахустин лоиҳаи минтақавии таълими касбии «DARYA»-ро истиқбол намуданд.

Ҷониби Ўзбекистон дар Ўзбекистон баргузор намудани нахустин Анҷумани «ИА – Осиёи Марказӣ»-ро оид ба сайёҳӣ соли 2023 пешниҳод намуд.

Масъалаҳои муҳими мавзўи минтақавӣ ва байналхалқӣ муҳокима гардид.

Аҳамияти идома додани кўшишоти муштарак доир ба мустаҳкам намудани равобит, таъмини бехатарӣ ва суботнокӣ дар Осиёи Марказӣ таъкид гардид.

Ба ин маъно, ногузирии роҳ надодани Афғонистон ба манбаи таҳдидҳои минтақавӣ ва бехатарии байналхалқӣ таъкид шуд.

Ба сифати нигаронии аввал бартарафсозии фарорасии даҳшати гуманитарӣ дар давраи зимистон, аз он ҷумла мадади инсонпарварӣ ба халқи Афғонистон, таъкид гардид.

Ҷониби Ўзбекистон махсусан ташаббуси худро дар бораи таъсиси Гурўҳи байналхалқӣ оид ба баргузории мулоқотҳо бо ҳукумати муваққатии Афғонистон бо мақсади тавофуқи ҳарчи зудтари алгоритми иҷрои ўҳдадориҳои тарафайни ҷонибҳо таъкид кард.

Ҷонибҳо дар бобати ногузирии ҷараёни фарогири сиёсӣ ва таъмини ҳуқуқи инсон, аз он ҷумла ҳуқуқи занон дар Афғонистон, барои дастёбӣ ва суботнокии дарозмуддат ҳамфикр ҳастанд.

Дар охир президентҳо бори дигар моилиро ба мустаҳкам намудани шаффофият ва гуфтугўйи муфид ва шарикии байни Ўзбекистон ва ИА, инчунин ҳамдастӣ ба минбаъд вусъат додани ҳамкории минтақавӣ ва равобит дар асоси принсипҳои некҳамсоягӣ, эҳтироми ҳамдигар, боварӣ ва мурооти меъёрҳои меҳварии ҳуқуқи байналхалқӣ бо мақсади табдил додани Осиёи Марказӣ ба минтақаи сулҳ, бехатарӣ, субот ва рушди устувор собит намуданд.

Президенти Шўрои Аврупо Шарл Мишел дар ҳузури Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев дар Хиёбони меҳмонони фахрӣ дар қароргоҳи «Кўксарой» ниҳол шинонд.

Ин анъанаи нек ҷамъбасти мулоқотҳои дар дараҷаи олӣ баргузоргардидаро, ки ба минбаъд амиқ намудани муносибати байни Ўзбекистон ва ИА нигаронда шудааст, мустаҳкам менамояд.

**ЎзА.**

*Дар тайёр кардан ва таъмин намудан амнияти маҳсулоти озуқаю хўрокворӣ нақши меваву сабзавот калон аст. Ҳоло дар вилояти Ҷиззах ташкилоти «BMB AGROKLASTER» фаъолият мекунад, ки дар ҳудуди ноҳияҳои Арнасой, Ғаллаарал ва Шароф Рашидов барои ташкил кардани гармхонаҳо, бунёди боғҳо ва бо ин роҳ пайи афзун гардонидани ҳаҷми маҳсулоти содиротии меваву сабзавот азм намудааст.*

## СОДИРОТИ МАҲСУЛОТ АФЗУН МЕГАРДАД

Дарояндаи наздик қариб дуним ҳазор гектар боғҳои нав барпо карда, барилова майдони маҳсулоти полезиву сабзавотро низ афзун хоҳанд кард. Барои истеҳсоли маҳсулоти хушсифат ва ба хориҷ содир намудани он «BMB AGROKLASTER» бо якчанд институти илмӣ-тадқиқотӣ ва марказҳои илмӣ, ба мисли Институти микробиология, Институти химия ва физикаи полимерҳои Академияи улуми ҷумҳурӣ ва ғайра ҳамкорӣ мекунад. Ҳадаф аз ин ҳамкориҳо навъҳои нави меваву сабзавотро офаридан ва сифати онҳоро баланд бардоштан мебошад.

Мувофиқи маълумотҳо тўли нуҳ моҳи охир аз вилояти Ҷиззах қариб 67 ҳазор тонна ва бо қимати 29,7 миллион доллари Амрико маҳсулоти меваву сабзавот ба кишварҳои хориҷӣ, бештар ба Русия, Қазоқистон, Чин ва Покистон содир гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 19,3 фоиз зиёд аст.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

# UZENERGYEXPO – UZSTROYEXPO: НАМОИШ, МУКОЛАМА ВА ҲАМКОРӢ

**Дар ҶС «Ўзэкспомарказ» якбора ду намоишгоҳи соҳавӣ – намоишгоҳи XVI байналмилалии UzEnergyExpo-2022: энергетика, энергияи аз нав барқароршаванда, самарабахшии энергетикӣ ва сарфаи энергия, электротехника, кабел ва равшанӣ ва намоишгоҳи байналмилалии XI UzStroyExpo-2022: масолеҳи сохтмонӣ ва ороишӣ, техника ва таҷҳизоти сохтмон, низоми гармидиҳӣ ва вентилятсия, таъминоти об, тарҳи ороишӣ ба кор оғоз намуд.**

Дар чорабинӣ, ки ташкилкунандагони он ҶММ International Expo Group бо дастгирии вазорати энергетика ва сохтмон, инчунин Ассотсиатсияи «Ўзсаноатқурилишматериаллари» мебошанд, маҳсулоти худро беш аз 130 ширкат аз 13 кишвари ҷаҳон намоиш медиҳад.

Экспозитсияи муттаҳидшуда имконият медиҳад, ки кооператсияи байни намояндагони соҳаҳои алоқаманд васеъ гардонда, маслиҳатҳои коршиносон гирифта, инчунин оид ба тиҷорат шарикони нав пайдо карда, шартномаҳои ба ҳамдигар муфид ба имзо расонда шаванд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар солҳои 2020-2030 дар кишварамон ҷиҳати таъмини ҷумҳурӣ бо неруи барқ ислоҳоти васеъ амалӣ мешавад ва дар ин росто намоишгоҳи UzEnergy-Expo-2022






фаъолияти худро вусъат медиҳад. Экспозитсия назар ба соли гузашта 40 фоиз зиёд шуда, намояндагони қариб ҳамаи соҳаҳои асосии самти маҷмўи энергетикиро гирд овардааст. Дар доираи намоишгоҳи UzEnergyExpo-2022 технологияҳои муосир ва дастовардҳои навтарини соҳаи электроэнергетика, манбаъҳои барқароршавандаи энергия, техникаи равшанидиҳӣ, автоматика, инчунин ҷувзҳои таҷҳизоти барқӣ ба намоиш гузошта мешаванд. Дар баробари ин корхонаҳое, ки навҳои гуногуни таҷҳизоти энергетикӣ истеҳсол мекунанд, қарорҳои баландтехнологӣ ва инноватсионии худро пешниҳод мекунанд.

Дар намоишгоҳи UzStroy-Expo-2022 истеҳсолкунандагони саноати сохтмон низ маҳсулоти худро намоиш медиҳад. Дар деворҳо масолеҳи бинокорию пардозӣ, омехтаҳо, асбобҳо, низомҳои гидроизолятсионӣ, таҷҳизот барои таъминоти об, вентилятсия ва гармидиҳӣ намоиш дода мешаванд. Дар доираи намоишгоҳ инчунин либосҳои махсус барои соҳаи бинокорӣ, навҳои зиёди маҳсулоти чўбу тахта намоиш дода мешаванд.

**Насиба ЗИЁДУЛЛОЕВА,**
**мухбири ЎзА.**

# ТАВАҶҶУҲ БА ТАШАББУСҲОИ ТОШКАНД АҲАМИЯТИ ОНРО ДАР МУКОЛАМАИ БАЙНИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА ФАЪОЛОНИ ҒАЙРИМИНТАҚАВӢ БАЛАНД МЕБАРДОРАД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Президенти Ўзбекистон зимни суханронӣ дар нишаст аз Иттиҳоди Аврупо даъват кард, ки ҳамкориҳоро дар заминаи рушди «сабз, рақамигардонии соҳаҳои иқтисодиёт, рушди кишоварзии «оқил», ҷорӣ намудани усулҳои пешрафтаи аврупоӣ дар соҳаи таълим, фановариҳои муштарак ва тадқиқоти амалӣ фаъол гардонанд. Инчунин аҳамияти мустаҳкам намудани ҳамкории амалӣ дар таъмини бехатарии минтақавӣ ва зарурати иқдомоти муштарак ва дастгирии воқеии тамоми ҷомеаи ҷаҳон дар масъалаи кумак ба Афғонистон таъкид шуд. Ташаббусҳои ба миён гузошташуда аз мавҷудияти иродаи қавии сиёсӣ ва хоҳиши ҳамаҷониба инкишоф додани ҳамкориҳо оид ба масъалаҳои мубрами замони ҳозира, густариши фаъолонаи муколамаи ошкоро, мунтазам ва самарабахш дар «Осиёи Марказӣ – Иттиҳоди Аврупо» баҳри шукуфоӣ ва беҳбудии кишварҳои ду минтақа шаҳодат медиҳанд.

Шумо ҳамсояи наздики мо мебошед, ки ин чунин маъно дорад, ки муколамаи байни мо бояд минбаъд ҳам инкишоф ёбад. Чунин аст лейтмотиви мулоқот дар Остона ва чунин аст бархўрди Иттиҳоди Аврупо нисбат ба кишварҳои Осиёи Марказӣ. Аврупо минтақаи Осиёи Марказиро шарики иқтидорноки тиҷоратӣ бо доираи васеи молу хидматрасонӣ медонад, ки имрўз ба он ниёз дорад.

Ҳар як кишвари Иттиҳоди Аврупо бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар асоси дуҷониба ҳамкорӣ мекунад. Аммо, имрўз ҷаҳон ҷаҳонишавӣ дорад ва Иттиҳоди Аврупо дорои сарҳадҳои берунии худ, иқтисоди муттаҳидшуда, санадҳои ҳуқуқӣ ва асосҳои умумии ҳуқуқӣ мебошанд. Ин ба муқовимат ба муҳоҷирати ғайриқонунӣ, савдои одам, таҳдидҳои паҳншавии навъҳои анъанавӣ ва муосири маводи мухаддир ва дигар ҷанбаҳо дахл дорад.

Мо медонем, ки Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев барои муттаҳидсозии кишварҳои Осиёи Марказӣ, ҳалли мушкилоти дохилидавлатӣ ва байнидавлатии минтақа корҳои зиёдеро анҷом дода, саъй дорад, ки ҷараёни рушдро ба самти мусбат гардонад, ихтилофҳоеро, ки дар давоми солҳо ҷамъ шуда буданд ва имрўз аз худ дарак медиҳанд, бартараф созад. Ин тамоюлҳо ба вазифаҳои асосие, ки ба рушди устувори ҳар ду минтақаи мо нигаронда шудаанд, пурра мувофиқат мекунанд. Маҳз аз ин рў имрўз муваффақ шудем, дар бораи нақшаҳои оянда, лоиҳаҳои эҳтимолӣ ва амиқсозии мулоқоти иқтисодӣ ва сиёсӣ ошкоро сухан ронем.

**Раиси раёсати Ассотсиатсияи авруосиёии равобити иқтисодии «Eko-Avrasya» Ҳикмет Эрен (Туркия):**

Нишасти сарони давлатҳои «Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ»-ро бо таваҷҷуҳи зиёд мушоҳида намудам. Маълум аст, ки Иттиҳоди Аврупо бо ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ фаъолона ҳамкорӣ мекунад ва рушди мустақилонаи онҳоро дастгирӣ менамояд. Аввалин Стратегияи Иттиҳоди Аврупо оид ба Осиёи Марказӣ соли 2007 қабул шуда, соли 2019 такмил дода шуда буд.

Дар ҳамкории Иттиҳоди Аврупо бо кишварҳои Осиёи Марказӣ рушди иқтисодиёт ва фаъолгардонии муколамаи сиёсӣ ҷанбаҳои муҳиме мебошанд, ки дар он Брюссел иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ ва парлумонҳоро қайд менамояд. Таҳкими суботи минтақавӣ, амният, ҳамчунин мубориза бо фасод ва ислоҳот дар рўзномаи Иттиҳоди Аврупо дар равобит бо Осиёи Марказӣ боқӣ мемонад. Демократия ва волоияти қонун низ мавзўъҳои асосии Иттиҳоди Аврупо мебошанд.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки ба шарофати сиёсати фаъоли минтақавии Президенти Ўзбекистон дар солҳои охир муносибатҳои байнидавлатии кишварҳои Осиёи Марказӣ ба куллӣ тағйир ёфта, бисёр мушкилоти дорои хусусияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ҳаллу фасл гардиданд.

Боварӣ дорам, ки баргузории нишасти сарони кишварҳои «Осиёи Марказӣ – Иттиҳоди Аврупо» дар Остона саривақтӣ буда, баррасии масъалаҳои мубрами рўз бо раиси Шўрои Аврупо Шарл Мишел ҳамкориҳои гуногунҷанбаро ба сатҳи сифатан нав бароварда, ба рушди иқтисодӣ ва таҳкими субот дар Осиёи Марказӣ хидмат мекунад.

**АИ «Дунё».**

## ХАБАРҲО

## ҒАЛЛА - РИЗҚУ РЎЗӢ

***Деҳқонони вилояти Самарқанд ният доранд, ки бо кўмаки механизаторон дар соли оянда дар 94 ҳазору 230 гектар майдон ғалла кишт карда, барои бехатарии озуқаворӣ саҳми арзанда гузоранд.***

— То имрўз дар 90 ҳазор гектар майдон тухмии хушсифати ризқу рўзии мо кишт шуд, – мегўяд нозир ва котиби матбуоти садорати идораи «Узагроинспекция»-и вилояти Самарқанд Абдувалӣ Худоёров,— ҳар рўз дар беш аз ҳазор гектар майдон ғалла пошида, обёрӣ мешаванд. Бо тавсия ва маслиҳати олимону мутахассисони соҳаҳои хоҷагии қишлоқ навъи маҳаллии «Давр», «Звезда», «Таня», «Зарафшон» ва ғайра парвариш меёбанд.

Хоҷагиҳои фермерии ба тухмӣ ихтисосшуда дар 10 ҳазор гектар майдон ғалла кориданд.

Хушбахтона боришҳои зиёди рўзҳои охир барои сабзидани тухмии ғалла айни муддао шуд.

**Баҳодури ЗОҲИР.**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

## ШУМОРАИ МИНТАҚАҲОИ ХУРДИ САНОАТӢ МЕАФЗОЯД

***Имрўз ба кадом соҳа назар андозем, шоҳиди бунёдкориҳо, ҷустуҷў ва навгониҳо мешавем. Хусусан корҳои дар соҳаи саноат татбиқшуда, рушди босуръати ҳаракати соҳибкорӣ хурсандибахш аст. Дар ин бобат ташаббускорони тўрақўрғонӣ низ қадамҳои устуворона мегузоранд.***

Дар ноҳия 6 минтақаи хурди саноатӣ ташкил карда шуда, аз ҳисоби татбиқи 40 лоиҳаи арзиши умумииашон 263,7 млрд. сўм таъсиси 2876 ҷойи нави корӣ ба нақша гирифта шудааст. Аз ҷониби ҶММ «Ифтихор кийим саноати», ки дар он 3 ҳазор нафар кор мекунанд, лоиҳаи истеҳсоли риштаи калоба ба маблағи 182 млн. евро татбиқ карда мешавад.

Боз як чунин корхона ҶММ «Ibrat TST Group» мебошад, ки дўзандагон ба маблағи 8 миллион доллар риштаи калоба ва маҳсулоти тайёри бофандагӣ истеҳсол мекунанд.

Дар корхонаи «Ruhan TEX» бо роҳбарии Маҳфуза Гюмгош 700 ҷойи нави корӣ таъсис дода шудааст. Корхона бо технологияи замонавӣ ҷиҳозонида шуда, 41 миллиард сўмина маҳсулот истеҳсол намудан пешбинӣ шудааст.

– Дар вилоятамон барои ташаббускороне, ки мехоҳанд бо соҳибкорӣ машғул шаванд, шароити кофӣ мавҷуд. Дар бобати дастгирӣ кардан, фароҳам овардани имкониятҳо ба онҳо мушкиле нест, – мегўяд роҳбари корхона. – Барои ҳамин ҳам бедудилагӣ ба кор шурўъ кардам. Дар аввал дар асоси иҷора кор кардам. Баъди муроҷиат ба ҳокими вилоят ташаббуси маро дастгирӣ карда, ин ҷоро бароям доданд. Барои равуои коргарон микроавтобусҳо ташкил кардем. Музди кор мувофиқи кори иҷрошуда дода мешавад.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАМАНГОН.*

## ГАЗ БУРИДА НАМЕШАВАД

***Роҳбари Маъмурияти Президент Сардор Умурзоқов дар Вазорати энергетика бо як қатор соҳибони гармхонаҳои аз гази табиӣ буридашуда вохўрд.***

Мушкилоти онҳоро омўхт, фикр ва таклифоташонро шунид. Ваъда кард аз 28 октябр кулли гармхонаҳо ба газ васл кунонида ва дар давоми соли 2022-2023 гази гармхонаи онҳо бурида намешавад ва иҷро шудани ин амалро шахсан назорат мекунад.

## ВОХЎРӢ БО БАРАНДАГОНИ МУКОФОТИ НОБЕЛ

***Бори нахуст Қасри эҷоди ҷавонон воқеъ дар пойтахт меҳмонони ифтихорӣ – дорандагони мукофотҳои бонуфузи байналхалқӣ, аз ҷумла, дорандаи мукофоти Нобел дар соли 2017 Квонг Чунг, соҳиби унвони “Муаллими байналхалқӣ” Кейш Торпро пазируфт.***

Дар ин ҷо V FEST NOBEL мутантан сурат гирифт.

Аввал конфронс бо иштироки ҷавонони истеъдоднок,ки ба фаъолияти илмӣ ҷиддан машғуланд, рўйи кор омад. Ҷўяндагони илм лоиҳаҳои худро пешниҳод карданд. Саволу ҷавобҳо баргузор ва олимони намоён ба ҷавонон маслиҳатҳои муфид доданд. Баъди конфронс, ки як навъ суҳбати давриро мемонд, маросими кушоиши тадбир баргузор гашт. Телекўпрук ба шаҳри Остона устувор ва иштирокдорон бевосита ба вохўрие,ки дар пойтахти Қазоқистон бо соҳибони мукофоти Нобел гузаронда мешуд, гувоҳ гардиданд.

Ҷашнвораи байналхалқӣ дар Остона 26-28 октябр баргузор шуда бошад, чорабинӣ ба ин муносибат дар Тошканд бо ташаббуси Агентии кор бо ҷавонон ташкил гашт.

## СТИПЕНДИЯИ НАВ БА БЕҲТАРИН ҲУҚУҚШИНОСҲОИ ОЯНДА

***Чанде пеш Вазорати адлия барои ҷавонон-донишҷўйҳо стипендия бо унвони “Тафаккури ҷадид” таъсис намуда буд. Инак, даври аввали озмун барои гирифтани ин стипендия рўйи кор омад.***

Мақсад аз таъсиси стипендия пурзўрсозии ҳисси садоқати авлоди ҷавон нисбати истиқлолият, бедор сохтани рағбати ҷавонон ба омўзиши илм, тавассути тарғиби ғояҳои намояндагони ҳаракати ҷадидӣ саҳм гузоштан дар тарбияи авлоди халқпарвар, ташаккул додани эҷодкорӣ ва ҷаҳонбинии тоза дар зеҳни ҳуқуқшиносони оянда мебошад.

Озмун баҳри дарёфти стипендия барои техникум ва литсейҳо ба тарзи алоҳида, барои муассисаҳои таълими олии юридикӣ низ алоҳида гузаронида шуда, дар ду давр сурат мегирад. Дар даври аввал иштирокдорон оиди таърихи ҳаракат ва фаъолияти намояндагони ҷадидҳо иншо нависанд, дар даври дувум маҳорати аз вазъияти ҷиддӣ ҷӣ тавр баромадани онҳо аз санҷиш гузаронда мешавад.

Дар даври аввал, ки дар бинои Донишгоҳи давлатии ҳуқуқшиносии Тошканд баргузор гашт, наздик 800 нафар донишҷўён номнавис шуданд. Бинобар натиҷаҳое, ки ноил шудаанд, танҳо 25 нафарашон ба даври дувум роҳхат гирифтанд. Натиҷаҳои давраи дувум низ ба ҳисоб гирифта шуда ва ҷамъ 6 нафар беҳтаринҳо метавонанд ба гирифтани стипендия, ки 900 ҳазор сўм мебошад, сазовор шаванд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири “Овози тоҷик”.**

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР НАХУСТИН НИШАСТ ДАР ФОРМАТИ «ОСИЁИ МИЁНА – ИТТИҲОДИ АВРУПО»

(Аввалаш дар саҳ.1).

Илова бар ин, мо аз зиёд кардани шумораи филиалҳои донишгоҳҳои пешрафтаи Аврупо дар кишварҳои худ манфиатдорем. Масалан, имрўз дар Ўзбекистон филиалҳои 7 донишгоҳи кишварҳои Аврупо бомуваффақият фаъолият доранд.

Мо тайёрем, ки дар татбиқи лоиҳаи якуми минтақавии таълими касбӣ фаъолона иштирок кунем.

Бо мақсади ба таври васеъ шинос кардани шарикони аврупоӣ бо мероси нодири таърихӣ, фарҳанги ғанӣ ва анъанаҳои халқҳои минтақаамон мо нақша дорем, ки дар нимаи дуюми моҳи ноябр дар Лаври Париж чорабиниҳои бузурги намоишӣ баргузор кунем.

Мо тарафдори онем, ки ин гуна чорабиниҳо ҳар сол — дар пойтахтҳо ва марказҳои мадании мамлакатҳои Аврупо якҷоя гузаронда шаванд.

Дар соҳаи туризм имкониятҳои калон мавҷуданд. Имрўз кишварҳои аврупоӣ пешсафони бебаҳс дар саноати ҷаҳонии сайёҳӣ мебошанд. Онҳо дар нигоҳдорӣ ва таҷдиди мероси таърихӣ, фароҳам овардани инфрасохтори муосир ва идоракунии ҷараёни сайёҳон таҷрибаи бой доранд.

Соли оянда дар ҷараёни нахустин Форуми сайёҳии «ИА – Осиёи Марказӣ» дар шаҳри Хева пешниҳод менамоем, ки ба таваҷҷуҳи операторони пешрафтаи аврупоӣ Консепсияи маҳсулоти умумии сайёҳии минтақавӣ пешниҳод карда шавад.

Ба фикри мо, ин гуна чорабиниҳо ба ҳамдигарфаҳмии беҳтар ва мустаҳкам кардани алоқаҳои инсондўстии байни халқҳои Аврупо ва минтақаи мо мусоидат мекунанд.

Ҳамкасбони азиз!

Таъмини амнияти минтақавӣ самти асосӣ ба ҳисоб меравад.

Мо кумаки амалии Иттиҳоди Аврупоро дар чаҳорчўби барномаҳои муштараки мубориза бо терроризм, радикализм ва ифротгароӣ, ҷиноятҳои муташаккил, қочоқи маводи мухаддир ва дигар чолишҳои муштарак қадр мекунем.

Дар асоси таҷрибаи ҷаҳонӣ мо пешниҳод менамоем, ки барои табодули иттилоот ва мубоизаи муштарак ба таҳдидҳои муосир миёни хадамоти махсуси мо ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳамкорӣ ба роҳ монда шавад.

Илова бар ин, мо аз шарикони аврупоии худ барои дастгирии мавқеи мо дар масъалаи танзими Афғонистон миннатдорем.

Мо борҳо бо ҷаноби Мишел ин масъаларо ошкоро баррасӣ кардаем ва низ чунин тарсу нигарониҳо дорем.

Мо ба мардуми афғон мунтазам кумаки башардўстона мерасонем. Ҳатто дар давраи душвортарин ҳам додани қувваи электр, маҳсулоти нафт ва озуқа қатъ нагардид. Мо интиқоли транзитии молро тавассути кишварамон ба самти Афғонистон қатъ накардем.

Мо аз тезу тунд шудани вазъи башардўстона дар Афғонистон бо фарорасии фасли зимистон хеле нигарон ҳастем. Сухан дар бораи вазъияти вазнини миллионҳо одамоне меравад, ки дар он ҷо зиндагӣ мекунанд ва дар ҳақиқат аз кафолатҳои иҷтимоӣ маҳруманд.

На мақомоти имрўзаи кишвар ва на давлатҳои ҳамсоя ин мушкили печидаро мустақилона ҳал карда метавонанд. Барои ин саъю кўшиши ҳамоҳангшуда ва дастгирии воқеии тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ лозим аст.

Мо инчунин омодаем, ки ҳамкориҳои судмандро бо шарикони аврупоӣ дар самти истифодаи иқтидори марказҳои логистикӣ ва таълимӣ дар хабҳои шаҳри сарҳади худамон Термиз идома диҳем.

Муҳтарам сардорони ҳайатҳои вакилон!

Тавре зикр гардид, аз қабули Стратегияи навшудаи Иттиҳоди Аврупо оид ба Осиёи Марказӣ се сол сипарӣ шуд.

Мутаассифона, бар асари пандемия бисёр чорабиниҳо ва супоришҳо пурра иҷро нашуданд.

Илова бар ин, вазъи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ ба таври назаррас тағйир ёфтааст, ки имрўз барои равандҳои ҳамгироӣ дар Осиёи Марказӣ дастгирии фаъолтари шарикони аврупоиро тақозо мекунад.

Ба ин муносибат, мо пешниҳод менамоем, ки имкони қабули санади бисёрҷонибаи сиёсӣ – "харитаи роҳ" ҷиҳати суръат бахшидан ба татбиқи Стратегия ва таҳкими ҳамкориҳои мо баррасӣ карда шавад.

Итминон дорам, ки ин масъалаҳо дар конфронси дарпешистодаи муштараки вазирон оид ба робитаҳои байниҳамдигарӣ, ки моҳи оянда дар Самарқанд баргузор мешавад, ба таври ҷиддӣ баррасӣ хоҳанд шуд.

Дар фарҷоми суханронии худ мехоҳам бори дигар пайравиамро ба муколамаи ошкоро, муназзам ва судманд дар формати «Осиёи Марказӣ – Иттиҳоди Аврупо» ба нафъи субот, рушди устувор ва шукуфоии кишварҳоямон тасдиқ намоям.

Барои таваҷҷуҳ сипосгузорам.



*Дар асоси Фармони Президент «Дар бораи васеъ намудани сохтори мактабҳои ихтисосонидашудаи назди Агентии муассисаҳои таълими президентӣ» аз 14 апрели соли ҷорӣ, дар шаҳри Қаршӣ мактаб-интернати ихтисосонидашудаи рақами 1-уми Президент ташкил карда шуд.*
***Суратгир:Ҷ. НОРҚОБИЛОВ.(ЎзА).***

# БЎРЁКЎБӢ БАЪДИ 63 СОЛ

***Маҳаллаи Сазағон яке аз масканҳои дурдасти ноҳияи Нурободи вилояти Самарқанд аст. Соли 1959 барои мардуми кўҳистони мазкур иншооте аз сангу гил бунёд карда буданд, ки бо мурури замон харобу ношоям гардид. Солҳои охир бо сиёсати хирадмандонаи сарвари давлатамон маҳз дар гўшаҳои мухталифи ҷумҳурӣ барои нигоҳдории тандурустӣ шароити мусоид фароҳам меоранд.***

Аъзоёни пресс-тур, ки бо ташаббуси сардори Садорати ҳифзи тандурустии вилояти Самарқанд ташкил шуд, дар маросими расман ба истифодабарии бинои нави табобатхонаи деҳа ширкат варзиданд

Бояд таъкид намуд, ки бинои наву замонавӣ аз якчанд контейнер иборат аст.

– Шуъбаи навбунёд ҳар рўз 50 нафар корафтодаро қабул мекунад, – гуфт сарҳакими иттиҳодияи табобати ноҳияи Нуробод Абдулло Абдиев, – дар ин ҷо 7 нафар мутахассисони соҳаҳои гуногун ба мардум хидмати шоиста мекунанд. Барои бунёд ва таъминот бо асбобу анҷоми табобат 2,5 миллиард сўм сарф шуд.

Инчунин дар деҳаи Оҳалики ноҳияи Самарқанд барои мардуми кўҳистон бўрёкубии иншооти нав ба вуқўъ пайваст.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА.**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

# БАҲРИ ТАЪЛИМИ АВЛОДИ БА АҶДОД МУНОСИБ

***Се сол инҷониб фаъолият бурдани мактабҳои президентӣ воқеаи муҳим дар ҳаёти таълими халқи мамлакатамон гардид. Дар бораи мақом, мақсад ва вазифаҳои асосӣ, ҳуқуқ ва ўҳдадориҳо айни замон, тартиби ташкил ёфтани фаъолияти ин гуна мактабҳои типи нав чӣ медонем?***

Қарори Президент «Дар бораи чораҳои ташкил намудани мактабҳои президентӣ» 20 феврали соли 2019 ба имзо расида буд. Бо мақсади иҷрои ин қарор, ҳамзамон, бо мақсади ташкили самараноки фаъолияти мактабҳои президентӣ Низом дар хусуси мактабҳои президентиро Девони Вазирон тасдиқ намуд.

Мувофиқи Низоме, ки корбаст шуда, мактаби президентӣ дар шакли муассисаи давлатӣ шахси юридикӣ ҳисоб меёбад.

Мактаби президентӣ бевосита ба Вазорати таълими халқ тобеъ. Ин вазорат баробари роҳбарии умумӣ ба фаъолияти ин гуна мактабҳо ва корбарии онҳо назорат менамояд. Дар мактабҳои президентӣ гирифтани таълими умумии миёна ройгон мебошад. Дар ин гуна мактабҳо баробари барномаи таълимии асосӣ бо назардошти шавқу рағбати донишандўзон машғулотҳои амалии беруназсинфӣ гузаронида мешаванд.

Мақсад ва вазифаи асосии мактабҳои президентӣ аз аниқ сохтани бачаҳои қобилиятнок, дар ҷараёни истифодабарии технологияҳои пешқадам барпои сохтори замонавии таълимӣ, бештар дастгирӣ сохтан ва рағбатнокондани бачаҳои истеъдоднок, ташаккул додани авлоди ҷавон аз нигоҳи интеллектуалӣ иборат мебошад. Фанҳои табиӣ ва аниқ ба таври амиқ омўзонда мешаванд. Ташкили азхудкунонии технологияҳои муҳандисию иттилоотӣ мавриди назар аст. Барои дар насли ҷавон ривоҷ додани ғоя ва мафҳумҳои инноватсионӣ шароити мусоид фароҳам оварда мешаванд. Айни замон мақсад гузошта шудааст хонандагон ба касбу ҳунар фаро гирифта шаванд, дар онҳо малакаҳои роҳбарӣ, санъати нутқ, фикрҳои танқидӣ, қобилияти ҷустуҷўӣ, ба амалиёт ҷорӣ сохтани донишҳои назарӣ ташаккул ёбад. Иштироки фаъолонаи хонандагон оиди фанҳои умумитаълимӣ дар олимпиадаҳои байналхалқӣ, озмун ва қуввасанҷиҳои зеҳнӣ таъмин карда мешавад. Ба хатмкардагони мактабҳои президентӣ ҳуҷҷат оиди таълим дар намуди давлатӣ, айни замон дипломҳои дахлноки дараҷаи байналхалқӣ дода мешаванд, ки имкон медиҳанд хонанда ба муассисаҳои таълими олии кишварҳои хориҷӣ дохил шавад.

Мувофиқ ба талаботи стандартҳои таълими умумӣ ва бо баинобатгирии таълими байналхалқӣ назорати сифати таълим ба амал бароварда мешавад. Барои таъмини назорати сифати таълим ташкилотҳои махсуси хориҷиро низ ҷалб кардан мумкин. Дар ҳолати аз як ё якчанд фан паст шудани натиҷаи рейтинги хонанда бо ў кори индивидуалӣ пеш бурда мешавад.

Роҳбарон ва ходимони педагогии мактабҳои президентӣ дар асоси озмун ба кор қабул карда мешаванд. Озмун дар шакли кушод корбаст шуда, иштирокдор баробари маҳорати баланди касбӣ бояд ба фазилатҳои шахсии маънавию ахлоқӣ молик бошад. Шахсе иштирокдори озмун шуда метавонад, ки сарфи назар аз шаҳрванди Ўзбекистон будан ё набудан забони давлатию англисиро хуб балад аст, камаш 5 сол собиқаи кори педагогӣ дорад, дар тартибе, ки муайян шуда, аз аттестатсия мегузарад, ба дигар талаботе низ, ки вазорат пешниҳод кардааст, ҷавоб дода метавонад.

Дар соли 2021-ум бинобар пандемия қабули ҳуҷҷатҳо ба мактабҳои президентӣ ба тарзи онлайн амалӣ гардид. Он сол дар тасарруфи Агентии рушди мактабҳои президентӣ, эҷодӣ ва ихтисосондашуда 16 мактаб фаъолият намуд. Аз он чаҳорто президентӣ, нўҳто эҷодӣ ва сето ихтисосондашуда. Мактабҳои президентӣ дар шаҳрҳои Тошканд, Намангон, Хева ва Нукус фаъолият бурданду халос. Қарор гашт минбаъд боз даҳто ин гуна мактабҳо дар шаҳрҳои Бухоро, Навоӣ, Тирмиз ва Нурафшон кушода шаванд. Он сол қабул ба мактабҳо се давраро ташкил намуд. Дар ҳар як ҳудуд гурўҳҳои алоҳидаи корӣ созмон ёфтанд ва баъди тафтиш ҳуҷҷатҳоро қабул карданд. Имтиҳони қабул дар ду давра доир гашт. Дар давраи аввал хонандагон аз математика ба 30-то саволи тестӣ ҷавоб гардонданд. Фикрҳои танқидӣ, ҳалли муаммоҳо ва ҷавоб ба саволҳо аз фанни забони англисӣ дар давраҳои минбаъда сурат гирифтанд.

Дар соли аввали ташкили мактабҳои президентӣ ба синфҳои V-X ҷамъ 144 нафар беҳтарин хонандагон қабул карда шуданд.

Барои қабул ба муассисаҳои таълими президентӣ дар соли хониши 2022-2023 наздик 75 ҳазор квота ҷудо гашт. Падару модароне, ки мехоҳанд фарзандонашон дар масканҳои таълими замонавитарин хонанд, хеле афзуданд. 14 апрели соли равон фармони Президент «Дар бораи васеъ сохтани сохтори мактабҳои ихтисосондашуда дар ҳузури Агентии муассисаҳҳои таълимии президентӣ эълон гашт. Дар асоси ин ҳуҷҷат 193-то мактабҳои ихтисосондашуда ба тасарруфи Агентии муассисаҳои таълимии президентӣ гузаронида шуданд.

Сохтори таълимӣ дар мактабҳои президентӣ тўли се соли охир, Барномаи кембриҷӣ, услубҳои байналхалқӣ самарабахшии худро исбот намуд. Иштирок ва натиҷаи назарраси хонандагону хатмкардагони ин гуна мактабҳо дар озмуну санҷишҳои байналхалқӣ далели фикри мост.

**М. ШОДИЕВ.**

***Бо ташаббуси сектори дуюм – прокуратураи вилоят бо мақсади омўхтан, тарғиб ва дастраси авлоди оянда гардондани анъанаю арзишҳои ба худ хос ва тарзи зиндагии маҳаллаи «Маданият»-и ноҳияи Бухоро бори аввал дар шакли нодавлатӣ «Музеии таърихи маданияти ноҳияи Бухоро» созмон ёфта, аз ҷониби Вазорати адлия ба қайд гирифта шудааст.***

# ОСОРХОНАИ ТАЪРИХИ МАДАНИЯТ

Экспозитсияи осорхона даврaҳои Аморати Бухоро, Иттиҳоди Шўравӣ, дирўз ва имрўзи солҳои истиқлолият, ислоҳоти ин ҷо баамаломадаро дар бар гирифта, онҳо бо ашёҳои гуногуни таърихӣ ғанӣ гардонда шудаанд. Инчунин дар ин ҷо дар бораи шахсони шуҳратманди ин ҳудуд аз қабили деҳқони асил, пахтакори пуртаҷриба, Қаҳрамони Ўзбекистон Муҳаммад Аҳмедов, чемпиони ҷаҳон, ки даҳ нафар чемпионҳои ҷаҳонро ба воя расондааст — Собир Қурбонов ва дигарон маълумоти зарурӣ пайдо кардан мумкин аст.

Музей, ки дар маҳаллаи «Работиқалмоқ» омодаи фаъолият шудааст, шубҳае нест, ки ба ҷойи дўстдоштаи мухлисони фарҳанг табдил меёбад.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

# МИЗОНИ АСОСӢ МАНФИАТИ МАРДУМ АСТ

***Дар мамлакатамон барои коҳиш додани омили инсонӣ ҷиҳати дохил шудан ба ягон кор ё ишғоли вазифаи давлатӣ шароити беҳтарин фароҳам оварда шудааст. Дар ҷараёни суҳбате, ки мухбири "Овози тоҷик" бо котиби матбуоти Агентии рушди хидмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Севара ЗОКИРОВА дошт, ҳамин мавзўъ ва масъалаҳои дигари марбут ба он матраҳ гардиданд.***

Тавре ки ҳамсуҳбати мо изҳор намуд, Портали ягонаи расмии ҷойҳои холии хидматчиёни давлатӣ – vacancy.argos.uz амал мекунад, ки ҳар як хоҳишманд ва соҳиби касбу кор тавассути он метавонад барои ишғоли ягон мақому мансаб муроҷиат намояд.

– Ин портал низоми ягонаи электронӣ барои ишғоли ҷойҳои холӣ дар ниҳодҳои давлатӣ ва ташкилотҳои он аз тариқи озмунҳои озоди кушод буда, фаъолияти худро бар асоси тамоюли "Равзанаи ягона" дар шабакаҳои интернет пеш мебарад.

(Давомаш дар саҳ.4).

*Дарси тасаввуф*

## Ҳафт пир

**(Пири панҷум)**

# ХОҶА МУҲАММАД БОБОИ САМОСӢ

Яке аз намояндагони саршиноси тариқати хоҷагон-нақшбандия Муҳаммад Бобои Самосӣ пири панҷумини ин тариқат мебошад, ки дар Бухоро кору фаъолият доштааст.

Дар сарчашмаҳо доир ба санаи таваллуду вафоти ў маълумоти дақиқ нест. Бино ба баъзе маълумот, ў соли 1259 дар деҳаи Самоси ноҳияи Ромитан дида ба дунё кушода, соли 1354 ин дунёи фониро тарк намудааст. Аз рўйи солшумории милодӣ 95 сол умр дида, баъди ҷон ба Офаридгор супурдан, дар зодгоҳи худ дафн шудааст. Дар атрофи қабраш маҷмаа бунёд гардида, ки аз ҳавлии айвондор, ҳавзи сангин, боғ ва масҷиди ҷомеъ иборат аст. Дар тўли солҳои истиқлол дар ин маскан корҳои ободонӣ анҷом дода шуда, масҷиде қад афрохт. Имрўз ин ҷо ба яке аз зиёратгоҳҳои серодам табдил ёфтааст.

Дар сарчашмаҳо Бобои Самосӣ инсони гандумранг, ҳассос, қотеъ, чеҳрааш нуронӣ, нигоҳҳояш таъсиргузор тасвир ёфтааст.

Номи пурраи ў дар манбаъҳо дар шакли «Хоҷа Муҳаммад Бобои Самасӣ» омадааст. Ба ўзбекӣ «Бобои Самасӣ» хушоҳангу пазиро нест. Ин ном форсии тоҷикист. Тарзи навиштаи «Абдураҳмони Ҷомӣ» ва «Алишер Навоӣ» низ форсии тоҷикӣ бошад.

Ба Бобои Самосӣ бо ибораҳои «Шамси Ҳақ», яъне «Офтоби Худо» арҷ гузоштаанд. Дар ин арҷгузорӣ мавқеъ ва ҷойгоҳи ў дар тариқати хоҷагон-нақшбандия инъикос ёфтааст.

### Муриди ду пир

Бобои Самосӣ, бино ба тавсияи падар, шогирди Хоҷа Маҳмуди Анҷирфағнавӣ мешавад. Ин бузургмард аз Хоҷа Алии Ромитанӣ хоҳиш мекунад, ки ўро ба тарбияи худ гирад. Бобои Самосӣ то охири умр ба Ромитанӣ содиқона хидмат мекунад. Ҳатто вақте Ромитанӣ озими Хоразм мешавад, ўро ҳамроҳӣ мекунад. Баъди вафоти Ромитанӣ Бобои Самосӣ бори роҳбарии тариқати хоҷагонро ба дўш гирифтааст.

### Фарқ байни «муъҷиза»-ю «каромат»

Худои мутаол тавассути бандаҳои дўстдоштааш ҳодисаҳои фавқулода ва ғайритабииеро содир менамояд, ки аз дасти дигарон намеояд, ҳатто, ба гўшаи хаёли касе наомадааст.

Агар чунин ҳодисаҳо дар ҳаёти пайғомбарон рўй диҳад, онро «муъҷиза» меноманд. Нисбат ба дигар пайғомбарон Муҳаммад (с.а.в.) муъҷизае зиёде содир намудааст. Яке аз муъҷизаҳои содирнамудаи ў ин аст, ки вақте аз роҳ мегузашт, дар соҳили муқобили дарё дарахте аз решааш берун омада, барои салом додан саршро хам карда меистод, баъди «алек» гирифтани пайғамбар, ба ҳолати аввалааш бармегардад.

Ҳодисаҳои ғайриодиеро, ки аз ҷониби авлиё содир карда мешаванд, «каромат» меноманд. Аксарияти авлиё кароматҳои худро аз одамон пинҳон доштаанд. Бо вуҷуди ин, кароматҳои баъзе авлиё дар сарчашмаҳо ба қайд гирифта шудааст. Кароматҳои Бобои Самосӣ низ кам набуд.

### Каромати якум
**ё ў пешвои оламиён хоҳад шуд?**

Бобои Самосӣ Хоҷа Баҳоуддини Нақшбандро пеш аз таваллудаш башорат кардааст.

Тавре ки Алишер Навоӣ дар тазкираааш «Насоим-ул-муҳаббат мин шамоим-ул-футувват» қайд кардааст, Бобои Самосӣ вақте аз деҳаи Қасри Ҳиндувони ноҳияи Когони имрўза мегузашт, ба ҳамроҳони худ ғайричашмдошт гуфт: «Аз ин хок бўе ба машом мерасад. Шояд ба шарофати ин Қасри Ҳиндувон ба Қасри Орифон табдил ёбад». Аз байн чанд рўз мегузарад. Вақте аз деҳаи Сухор (дар баъзе манбаъҳо номи ин деҳа «Афшина» қайд шудааст), ки он ҷо халифааш – Сайид Амири Кулол ба сар мебурд, тавассути Қасри Ҳиндувон бармегашт, ба пайравони хеш мегўяд: «Он бўй зиёдтар шудааст. Чунин ба назар мерасад, ки он тифл ба дунё омадааст».

Сипас, ба муридаш – Сайид Амири Кулол амр медиҳад: «Аз фарзандам Баҳоуддин шафқататро дареғ мадор, агар дар тарбияаш хато кунӣ, намебахшам». Мурид низ ба пири худ ваъда медиҳад, ки: «Агар дар васияти Хоҷа (яъне Бобои Самосӣ) хато кунам, мард нестам».

### Каромати дуюм
**ё дар дуо касе ба худ бало наталабад!**

Навоӣ боз аз ду каромати Бобои Самосӣ ёдовар шудааст, ки ба бовари хонанда меафзояд.

Биёед, мо низ ин воқеаҳоро аз забони Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд баён кунем. Баҳоуддини ҷавон овони ҷавонӣ вориди масҷид гардида, ду ракъат намоз хонда, чунин дуо мекунад: «Худоё, дар кашидани бори бало ва ранҷи муҳаббат сабру таҳаммул бахш!» Субҳ бобои падариаш аз ў дархост менамояд, ки Бобои Самосиро ба меҳмонӣ хонад. Вақте ба назди Бобои Самосӣ меравад, ў ба Баҳоуддини Нақшбанд, мисле, ки аз дуои дар масҷид базабоновардааш хабар дошта бошад, мегўяд: «Эй фарзанд, бояд чунин дуо кунӣ: «Худоё бо фазлу карам ва ризоияти хеш хоҳишҳои ин бандаи нотавонатро пиёда гардон. Агар Худои таоло ба ҳар як дўсташ балое бифиристад, бо марҳамати худ, барои кашидани бори он нерўе низ ато хоҳад кард. Банда набояд бо ихтиёри худ барояш бало талабад ва ба Худо ноз кунад».

Хоҷа Баҳоуддин аз ғайбдонии пири комил дар шигифт мемонад.

### Каромати сеюм:
**дарки фикре, ки аз дили дигарон мегузарад**

Бобои Самосию Баҳоуддини Нақшбанд роҳи хонаи дарвешеро пеш гирифта буданд. Ресмони маркаби устод дар дасти шогирд буд. Ҳар ду беҳарфу садо мерафтанд. Ҷилави фикри ҳар кадом дар дасти худ буд.

Алишер Навоӣ аз забони Хоҷа Баҳоуддин овардааст: «Хотирамро ба асли таваҷҷўҳ росих намуда, бо ниёзи тамом роҳ мепаймудам. Ҳар гоҳ дар ботин тафриқае пайдо мешуд, хоҷа мегуфт: «Бояд хотирро некў ҳифз бинамуд». Дар ин ҷо Баҳоуддини Нақшбанд гуфтанист, ки тамоми эътиборро ба як нуқта, яъне ба Худо ҷалб намуда мерафтам, вале вақте дар ботинам як андак дигаргуние рўй медод, ин ҳолатро устод дарк намуда, мегуфтанд: «Фикрро бояд ба як нуқта нигаронд».

### Каромати чорум
**ё сирри ба меҳмонӣ нон бурдан**

Баҳоуддини Нақшбанду Бобои Самосӣ, баъди ғизо хўрдан, роҳи яке аз шиносҳои пирро пеш мегиранд. Пеш аз ба роҳ баромадан Бобои Самосӣ ба Баҳоуддини Нақшбанд як нон медиҳад. Мурид ҳайрон мешавад ва дар худ меандешад: «Ҳоли ҳозир мо ғизо хўрдем, шикамамон сер аст. Баъдан, ба меҳмонӣ меравем, он ҷо низ дасторхони зиёфат ороста хоҳад шуд. Пас, чӣ ниёз ба нон ҳаст?»

Вақте ба манзил мерасанд, мизбон онҳоро хушҳол мепазирад. Аммо ба чеҳрааш изтиробе соя афканда буд. Ин ҳолро ҳис карда, Бобои Самосӣ аз ў суол мекунад: «Рост бигў, сабаби изтироб чист?» Дарвеш мегўяд: «Дар хона шир ҳаст, вале нон надорам».

Ин ҳангом Бобои Самосӣ аз Баҳоуддини Нақшбанд хоҳиш мекунад, ки нонро рўйи дасторхон гузорад.

Пас, ин ҳолат ба Бобои Самосӣ пештар аён шуда будааст.

### Каромати панҷум
**ё шарофати кулоҳи муқаддас**

Тавре ки Алишер Навоӣ дар тазкираи «Насоим-ул-муҳаббат мин шамоим-ул-футуват» овардааст, Бобои Самосӣ кулоҳи худ, яъне сарпўши зери саллаашро ба Баҳоуддини Нақшбанд туҳфа менамояд ва гўё ба шарофати ин каромати бо дуо баргардондани бало насиб гардида будааст. Сабаби дар байни халқ бо номи «Баҳоуддини балогардон» шуҳра гардидани ў ҳамин аст.

### Каромати шашум
**ё гузоштани дандони афтода ба ҷойи худ**

Бино ба маълумоти асари «Мақомоти Амир Кулол» боре дар деҳаи Самос байни чанд тан муштзании шадид ба вуқўъ пайвастааст.

Дар натиҷа дандони яке аз муштзанон шикаста, ба замин меафтад. Сипас ҷангараҳо барои барқарор намудани адолат ба ҳузури Бобои Самосӣ мераванд. Бобои Самосӣ аз муриди хеш Сайид Амири Кулол хоҳиш мекунад, ки дандони афтодаро ба ҷояш гузорад. Бар асари каромат дандон дар ҷойи аввалааш, мисле ки ҳодисае рўй надода бошад, устувор мегардад.

Кароматҳои Бобои Самосиро Алишар Навоӣ аз тазкираи «Нафаҳот-ул-унс...»-и пиру устоди худ – Абдураҳмони Ҷомӣ тавассути тарҷума ба хонанда пешниҳод намудааст.

### Давоми силсила

Бобои Самосӣ чаҳор халифа – Хоҷа Сўфии Суҳурӣ, Маҳмуди Самосӣ (писари худ), Хоҷаи Донишманд ва Хоҷа Сайид Амири Кулолро тарбия кардааст.

Дар манбаъҳо омадааст, ки Бобои Самосӣ, ба ҷуз Хоҷа Маҳмуди Самосӣ писари дигаре низ дошт, вале номи ў ба забон гирифта нашудааст. Бобои Самосӣ баъди худ роҳбарии тариқатро ба Хоҷа Сайид Амири Кулол супурдааст.

**Султонмурод ОЛИМ,**
**адабиётшинос, Ходими шоистаи фарҳанги Ўзбекистон.**

Санъати тасвирӣ

# «ЗЕБУ ЗИНАТ БАС ҲАМИНАМ, НОМИ МАН ЗЕБУННИСОСТ»



**Дар нигористони Қасри «Дӯстии халқҳо»-и шаҳри Самарқанд намоиши асарҳои рассоми номдори Ӯзбекистон, фарзанди Бухорои шариф Зебунисо Шарифова баргузор шуд.**

## МУҲАББАТИ НАХУСТИН

Вай дар ноҳияи Ғиждувон 19-уми августи соли 1967 дар оилаи зиёӣ чашм ба олами ҳастӣ кушод. Падари бузургвораш Тӯлқин Шарифов омӯзгори фанни таърих ва модари азизаш Турсуной Бобомуродова – муаллимаи синфҳои ибтидоӣ буданд. Бобояш Муҳаммад Шарифҷон-махдуми Садри Зиё ҳамчун хаттот, таърихнигор, адиб ва маорифпарвари тоҷик шуҳрат дошт. Воқеан, дар «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ маҳфили адабии ӯ бо номи «Маҷлисҳои Садри Зиё» тасвир ёфтааст.

Қиблагоҳаш, ки дилбастаи назм, шеъру шоирӣ буд, ба тифли навзоди худ Зебунисо ном гузошт, ки мисли духтари шоҳи Ҳинд — Аврангзеб Зебунисо (1639-1702), ки бо тахаллуси «Махфӣ» низ шеър менавишт, шоира шавад. Духтарак аз бачагӣ ба адабиёт ва санъат дил баст. Модаркалонаш ба матои сафед бо қалами одӣ барои дӯхтани сӯзанӣ тарҳи гулҳои ранг ба ранг, сурати андалебу кабки дарӣ мекашид, зану духтарони деҳа дар асоси андозаҳои тайёри ӯ гулдӯзӣ мекарданд. Модар низ рассоми моҳир буд ва бо нақшу нигорҳои дилнишин рӯзномаҳои деворӣ мебаровард. Зебунисо ба кори эҷодии онҳо бо диққат менигарист ва гоҳ-гоҳ худаш ҳам расм мекашид.

Меҳру муҳаббат ба нақшакашӣ ӯро баъди хатми мактаби миёна ба омӯзишгоҳи санъати шаҳри Бухоро овард. Дар ин ҷо аз устодони сахтгиру меҳрубон Муҳиддин Бақоев ва Баҳодур Саломов асрори расмкаширо омӯхт. Бо маслиҳати онҳо ба бисёр гӯшаву канори Бухорои шариф, хоссатан ёдгориҳои таърихӣ сафар намуда, истеъдоди хешро сайқал дод.

Соли 1988 пас аз ба итмом расонидани таҳсил дар омӯзишгоҳ аҳд намуд, ки ба шаҳри азими Тошканд рафта, ба Донишкадаи театру рассомии ба номи Островский дохил шавад. Аммо модараш розӣ нашуда гуфт, ки «барои духтарбача пойтахт – Тошканди серодаму пурғавғо осон нест. Хубтараш мисли ман дар мактаби деҳ омӯзгор шав». Падари меҳрубон ба суҳбат ҳамроҳ шуда, ба ҳамсараш таъкид намуд, ки фурсату вақт ва ҳавас ҳаст, ҳамин бас аст. Ин гуфт ва барои дуои хайр даст бардошт.

## ОДАМ БА УМЕД ЗИНДА АСТ

Зебунисо гӯё бол баровардa бошад, сӯйи Тошканд парид ва ба донишкадаи орзукардааш ҳуҷҷат супурд. Афсӯс, бахташ натофт – барои номи донишҷӯйиро гирифтан ҳамагӣ чанд хол нарасид. Панди бузургонро ба ёд овард: «Навмед набояд шудан аз гардиши айём, ҳар шом, ки ояд, зи пайи он саҳаре ҳаст».

Иродаи матин, ки дошт, аз нокомӣ рӯҳафтода нашуда ба зодгоҳ омад ва дар боғи истироҳатии Ғиждувон ҳамчун рассом фаъолияти меҳнатиро оғоз кард. Барои бачагон сурати қаҳрамонҳои афсонаҳои тоҷик ва русро офарид. Тамошобинони наврас бо завқу ҳавас гӯё бо «Бузаки ҷингилапо», «Колобок», «Гург ва заргӯш» рӯ ба рӯ мешуданд.

Аз ҳама муҳимаш, ӯ истеъдоди хешро сайқал медод, то аз имтиҳон дар донишкада оид ба ихтисоси касб сарбаландона гузарад. Рост гуфтаанд, ки ҷӯянда – ёбанда. Зебунисо ба муроди дил расид, донишҷӯ шуд! Вай дар мактаби олӣ дарк намуд, ки ҳар як эҷодкор бояд пайраҳаи шахсӣ ва нотакрор дошта бошад. Дар вақтҳои холӣ ва рӯзҳои истироҳат ба осорхонаҳои санъати тасвирӣ рафта, бо ҳавасу диққат асарҳои мусаввирони номдори Шарқ ва оламро дақиқназарона омӯхт. Ғайр аз он дар устохонаи Рассоми халқии Ӯзбекистон Неъмат Қӯзибоев фаъолияти эҷодии ӯро муоина кард. Неъматако ба шогирд, ки ба расмкашӣ иштиёқи зиёд дошт, маҳорати оид аз истифодаи мӯйқалам ва матоъро ёд дод.

Ӯ дар бораи шогирди вафодору навҷӯаш гуфтааст:

– Зебунисо хонуми исмаш ба ҷисмаш монанд ва бебаҳо аст. Амалиётро як бор нишон диҳӣ, бас аст, дигар фаҳмондан лозим нест. Дастони сеҳрофараш ба мӯйқаламу матоъ рӯҳ мебахшанд. Алалхусус дар чеҳраофарӣ, яъне кашидани портрет истеъдоди ноёб дорад.

Рассоми бухороӣ аз узви Ассотсиатсияи наққошу ҳайкалтарошони Куриёи Ҷанубӣ Николай Пак маҳз дар ҳамин жанр бисёр чизҳоро омӯхт. Зебунисо дар устохонаи ӯ худро озод ҳис мекард. Николай Семёнович утоқи кории хешро озода ва дилнишин нигоҳ медошт. Дар ҷевонаш оид ба расмкашӣ адабиёти бисёр мавҷуд буданд, аз онҳо шогирдону навкорон бемалол истифода мебурданд. Муҳити дилнишини устохона ба кас илҳом мебахшид, муҳаббаташро ба мусаввирӣ афзун менамуд. Николай Семёнович этюдҳои Зебунисоро таҳлил намуда, камбудиҳояшонро бо суханҳои нарму гарм фаҳмонда, роҳи бартараф кардани онҳоро мегуфт.

Маълум аст, ки ҳар як донишҷӯ бояд барои ҳимояи кори дипломӣ мавзӯи дилхоҳи худро пайдо кунад. Вай болои ин масъала хеле майна об кард ва ба хулоса омад, ки автопортрет мавзӯи дастрас аст. Воқеан солҳои охир дар жанри чеҳраофарӣ бисёр заҳмат кашида, ҳатто ба диққату эътибори устодону мухлисон соҳиб шудааст.

Зебунисо аз айёми бачагӣ ба адабиёт меҳру муҳаббати хоса дошт. Алалхусус бо эҷодиёти шоираи номдор Зебунисо аз наздик ошно буд. Вай ҳангоми кор болои автопортрет гаштаву баргашта ғазалҳои ӯро мехонд, таҳлил мекард, маъно мегирифт. Қабл аз оғози расмкашӣ чанд хел тарҳу этюд меофарид, ки қаҳрамонаш табиӣ, боварибахш ва ҷаззоб бошад. Ниҳоят меҳнати пурмашаққат ба поён расид. Ба ӯ даст дод, ки чеҳраи Зебунисоро бо рӯҳияти махсус офарад. Ва рӯзи ҳимояи кори дипломӣ чун қаҳрамони асараш аз шоҳии сафед либос пӯшида омад. Раиси комиссияи аттестатсионӣ, Рассоми мардумии Ӯзбекистон Баҳодур Ҷалолов ба кори Зебунисо баҳои баланд дод ва таъкид кард, ки ояндаи рассом дурахшон аст. Ӯро барои қабул ба шуъбаи ҷавонони Иттифоқи мусаввирони Ӯзбекистон тавсия намуд.

Зебунисо Шарифова ба ҳамаи аъзоёни комиссияи имтиҳони давлатӣ арзи сипос намуда, ғазали Махфиро қироат кард, ки матлаъаш ин аст:

*Духтари шоҳам, валекин рӯ ба фақр овардаам,*
*Зебу зиннат бас ҳаминам, номи ман Зебуннисост.*

Ҳозирон ба ваҷд омада аз ҷо хестанд ва якдилона кафкӯбӣ намуданд. Ин лаҳза як умр дар хотири Зебунисо нақш баст.

## ҶИЛОИ РАНГҲО ДАР ЧЕҲРАОФАРӢ

Имрӯзҳо нигористони қасри «Дӯстии халқҳо»-и шаҳри Самарқанд ниҳоят серодам аст. Соҳибони касбу кори гуногун, хоссатан мухлисони санъати тасвирӣ, ки дар байни онҳо сайёҳони хориҷӣ низ бисёранд, дар назди ҳар як рангтасвир байни худ баҳсу мунозира мекунанд.

«Ваҳдат-ул-вуҷуд» ном дорад асаре, ки рассом ҳангоми душвориҳои зиндагӣ офаридааст. Ӯ дилдодаи фалсафаи суфизм мебошад. Баъди аз наздик шинос шудан бо эҷодиёти Ҷалолиддини Балхии Румӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Хусрави Деҳлавӣ ва дигар шоирони форсу тоҷик ба ин мавзӯъ таваҷҷуҳ пайдо карда, якчанд асар офарид.

Боз як расми файласуфонаи мусаввир «Ломакон» (с. 2001) ном дорад, ки маънояш бехонумон, хонабардӯш аст. Дар он зани маҳзун, бо мӯйи парешон илтиҷоомез ба осмон менигарад. Зери расм рубоии Умари Хайём:

*Онон, ки куҳан буванду онон, ки наванд,*
*Ҳар як пайи якдигар якояк бишаванд.*
*Ин мулки ҷаҳон ба кас намонад ҷовид,*
*Рафтанду равему боз оянду раванд.*

Соли 2006 Зебунисо ба ноҳияҳои Бадахшон сафари эҷодӣ карда, бо мардум аз наздик шинос шуд. Маҳз дар «Боми ҷаҳон» чеҳраҳои духтараконни кӯҳистонӣ «Гулбаҳор» ва «Манижа»-ро рӯйи матоъ чунон устокорона кашид, ки мардуми маҳаллӣ аҳсант гуфтанд. Ҳоло ин ду расм низ диққати тамошобиненро ба худ мекашанд.

Хуллас, ҳар як асар бо маҳорати баланд ва мантиқан пурмазмун офарида шуда, мухлисони санъати тасвириро бефарқ намегузоранд. Алалхусус бештари онҳо «Автопортрет» ном доранд ва шояд рассом руҳияту ҳолати хешро дар ҳолатҳои гуногун офаридааст.

Таъкид кардан ҷоиз аст, ки намоиши асарҳои Зебунисо дар Русия, Амрико, Олмон, Фаронса ва дигар кишварҳои ҷаҳон бомуваффақият гузаштаанд.

Аҷиб он буд, ки рассом баъди суҳбат бо адиб ва публитсисти самарқандӣ Адаш Истад зуд чеҳраи ӯро офарида, ба қаҳрамони асараш тақдим намуд.

– Зебунисо барҳақ рассоми соҳибистеъдод аст, – гуфт устод Адаш Истад, – маҳорати ноёб дорад. Чанде пеш ман бо сафири Тоҷикистон дар Ӯзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода суҳбат доштам. Ӯ гуфт, ки дар Душанбе намоиши асарҳои Зебунисо Шарифоваро ташкил карданист.

– Ҳоло дар Ӯзбекистон таваҷҷуҳи бонувон ба санъати тасвирӣ хеле афзудааст, – мегӯяд Зебунисо, – лекин рассом бояд аз таърих, адабиёт, фалсафа ва мантиқ огоҳ бошад, то ки асари пурмазмун офарида тавонад. Дар касби мо сабур будан ниҳоят зарур аст. Саросемагӣ бар нафъи кор нест. Ғайр аз он ҳамеша омӯхтан зарур. Камина бо ҳавас асарҳои ҳамҷинсонам Марлен Дюма, Бриҷит Райлӣ, Трейсӣ Эмин, Софонисаба Ангвисола ва дигаронро аз назар гузаронида, аз онҳо маъно пайдо мекунам. Инчунин барои рассом сафар кардан, ҷаҳон дидан ҳам фоида дорад. Хушбахтам, ки бо баҳонаи намоиши асарҳоям ба бисёр гӯшаву канори Самарқанд сафар намудам. Ҳамкасбам Ҷумъа Абдурауфзода маро ба зодгоҳаш – деҳаи ҳамешасабзу хушҳавои Оҳалик бурд. Таассуротам як олам аст. Охир сайру саёҳат ба кӯҳсор ҷону дилам. Ҳоло муқими Тошканд ҳастам ва ҳамин, ки имконият пайдо шуд, ба ноҳияи Бӯстонлиқ сафар мекунам, аз ҳавои кӯҳсор баҳра мебарам.

Зебунисо Шарифова барои саҳми арзандааш ба санъати тасвирӣ бо медали «Шуҳрат» мукофотонида шудааст. Чанде пеш санъатшиноси самарқандӣ Матлуба Давронова дар Амрико албоми ӯро ба се забон – ӯзбекӣ, русӣ ва англисӣ чоп намуд, ки асарҳои беҳтарини рассомро гунҷондааст.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

Обуна-2023

# АЗ БЕГОНАГОН ЧАРО НОЛЕМ?

**ё худ саволҳои беҷавоб**

Вақте ки мавсими обуна ба рӯзномаву маҷаллаҳо наздик мешавад, дар ин бора дурудароз ба дарёи андешаҳои амиқ ғӯтавор мешавам. Дар сарам фақат як савол чарх мезанад: “Имсол аз ноҳия ва вилоятамон чанд кас ба «Овози тоҷик» обуна мешуда бошад?» Боз маҷаллаи «Дурдонаи Шарқ» барои соли оянда обуна эълон кардааст...

Дар таърихи фарҳанги тоҷикони ҷумҳурӣ рӯйи чопро дидани нахустин маҷаллаи тоҷикӣ бо номи «Дурдонаи Шарқ» рӯйдоди муҳим маҳсуб меёбад. Ба саъю эҳтимоми ду-се тан равшанфикрон, алалхусус бо ташаббуси шоир Асадуллоҳи Исмоилзода, инак шумораи сеюми маҷалла нашр мешавад.

Ба наздикӣ аз Интернет навиштаи мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Ҷиззах Анорбой Назаровро хонда, ҳуш аз сарам парид. То ҳол боварам намеояд, ки аз якчанд мактаби тоҷикии ноҳияи Нурато ҳамагӣ се нафар шумораи нави «Дурдонаи Шарқ»-ро харидорӣ кардаанд. Бо ин ҳол боз доду фарёд мезанем, ки дар мактабҳои тоҷикӣ китобу маҷаллаҳои бадеӣ нестанд.

Чанд рӯз пеш ба раиси Маркази миллии тоҷикони вилояти Ҷиззах Абдукарим Шарипов занг зада, «Девон»-и устод Паймонро пурсон шудам. Он кас дар ҷавоб гуфтанд, ки аз Тошканд нафиристондаанд. Ва боз илова карданд, ки пули китобҳои соли гузашта ба мактабҳову марказҳои миллии ноҳияҳо тақсимшуда то ҳол дастрас нагардидааст. Эшон китобҳои «Гули санг» ва романи «Сабзу сурх»-и нависанда Юнуси Имомназарро дар назар доштанд. Китобҳои устодон Турсунзода, Лоиқ ва Паймон, ки аз рӯйи нақшаи Маркази миллии тоҷикони ҷумҳурӣ чоп шудаанд, то ҳол дар Маркази миллии вилоят хоб рафтаанд. Дар ноҳияҳои Арнасой, Дӯстлик, Зафаробод, Пахтакор, Мирзочӯл, Фориш, Янгиобод ва шаҳри Ҷиззах тоҷикон ҳам кору зиндагӣ мекунанд.

Дар ноҳияи Мирзочӯл, ки ман зиёда аз чиҳил сол боз дар он ҷо зиндагӣ ва кор мекунам, тоҷиктаборон бисёранд. Ногуфта намонад, ки ҳар як ноҳияи тоҷикнишини вилояти Ҷиззах аз уҳдаи ягон кор набарояд ҳам, маркази миллии тоҷикон ва раиси худро дорад.

Гуфтаҳои болоӣ беҳуда нест, чунки худи онҳо ба ягон адад рӯзномаҳои «Овози тоҷик» ё «Ховар» обуна нестанд ва ягон сол обуна нашудаанд.

Бо ин ҳама дар тӯю маросим ва маъракаҳои тоҷикон онҳо пешгаҳнишину давроянд ва боз ғайритоҷикӣ сухан мегӯянд.

Ёд дорам, ки дар ноҳияамон Насриддин Бобоев ва Тӯймурод Бобоев (рӯҳашон шод бод) раисони Маркази миллии тоҷикон буданд ва худашон аз аввалинҳо ба «Овози тоҷик» обуна мешуданду дигаронро ҳам дар тӯйу маъракаҳо ба обуна тарғибу даъват мекарданд. Директори собиқи мактаби панҷуми ноҳия Файзӣ Ӯроқов (рӯҳаш шод бод) ҳам аз ҷумлаи чунин инсонҳои нексиришт буд.

Вақте ки худамон ягон газета ё маҷаллаи тоҷикӣ намехонем, дар рафи китобхонаамон ақаллан як нусха асари классикон ва муосиронро надорем, пас чӣ хел ба фарзандонамон ҳисси миллӣ, ватанпарварӣ, меҳр ба марзу бумро тарбия мекунем?

Умуман, саволҳои беҷавоб бисёранд. Бояд сари ин саволҳо андеша кунем ва ба онҳо посух ёбем. Барои ин бояд аввал ҳаддиақалл ба маҷаллаву рӯзномаҳо ба забони модарии худ обуна шавем...

**Раҳимшоҳи ШАРИФЗОДА.**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

# МИЗОНИ АСОСӢ МАНФИАТИ МАРДУМ АСТ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Маълумот дар бораи вазифаҳои холии мақомоти давлатӣ дар портал бо истифода аз маҷмӯи барномавии байниидоравии “Низоми ягонаи миллии меҳнат” дар сайт ҷойгир карда шуда, қабули ҳуҷҷатҳои номзадҳо танҳо ба таври электронӣ сурат мегирад, – мегӯяд Севара Зокирова.

Ба таъкиди котиби матбуот озмунҳои озод барои ишғоли вазифаҳои холӣ тақозо менамоянд, ки ҳар як номзад ба талаботи тахассусии вазифаи холӣ мутобиқат намояд. Барои ҳамин ӯро лозим меояд, ки ҳамин талаботро ба таври мушаххас омӯзад ва худро аз ҳар ҷиҳат омодаи кор намояд. Гузашта аз ин, баланд бардоштани савияи дониш низ лозим аст, ки он ба воситаи санҷиши тест сурат мегирад.

Баъд аз суҳбат марҳилаҳои навбатӣ ба вуқӯъ мепайвандад. Даъвогар ё номзад маҳорату малака ва салоҳияти худро ба таври шифоҳӣ баён мекунад. Маълумот дар бораи натиҷаи ҳар як марҳилаи озмун ба утоқи шахсии номзадҳо фиристода мешавад.

Аз суҳбат бо котиби матбуот маълум шуд, ки то 10 октябри соли равон тавассути портал бештар аз 70 вазорату идораи ҷумҳурӣ ва шаҳру ноҳияҳо барои ишғоли 100 ҳазор ҷойи кори холӣ озмун эълон кардаанд. Дар натиҷа барои ишғоли он дар маҷмӯъ 1 миллиону 157 ҳазору 338 нафар номзад ҳуҷҷатҳои худро пешниҳод кардаанд.

– Шумори бештари эълони озмунҳо ба вазорату идораҳо рост меояд.

Инчунин 14 ҳазору 341 нафар занон аз роҳи иштирок дар озмун соҳиби кору вазифа шудаанд. 6 ҳазору 603 нафарашон бори аввал ба хизмати давлатӣ ба кор пазируфта шуда, ба анҷоми вазифа пардохтаанд.

– Ҷараёни саволу ҷавоб чӣ гуна сурат мегирад?

– Ҳар як шаҳрванд вобаста ба фаъолияти портали ягонаи кушодаи ҷойҳои холии хидматчиёни давлатӣ бо саволҳо ба мо муроҷиат карда метавонад.

– Саволдиҳандагон бештар кадом масъаларо ба миён мегузоранд?

– Бештари ин саволҳо аз тарафи афроде сурат мегирад, ки муассисаҳои таълими олии хориҷиро хатм кардаанд. Мо ба онҳо мефаҳмонем, ки агар муассисаҳои таълими олии хориҷиро хатм карда бошанд, аввал онро дар Идораи назорати сифати таълими назди Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон тасдиқ ё нострификатсия кунонанд. Рақами шаҳодатномаи нострификатсияшуда бо тартиби муқарраршуда ба базаи маълумот ворид карда мешавад.

Севара Зокирова роҷеъ ба он масъала низ таваққуф намуд, ки агар номзад хостори кор дар ягон вазорату ташкилотро дошта бошад, шарт нест, ки бевосита вай ба бинои он ҳозир шавад.

Агар номзадҳо на дар шаҳри Тошканд, балки дар минтақаҳои дигар зиндагӣ кунанд, метавонанд дар марҳилаи суҳбати озмун аз тариқи видеоконфронс аз фосила ширкат варзанд.

Ногуфта намонад, ки портали ягонаи иттилоотӣ-электронии хизмати давлатӣ як қатор имкониятҳоро фароҳам овардааст. Пеш аз ҳама аз тарафи агентӣ барои хидматчиёни давлатӣ ва шаҳрвандон портали my.argos.uz-ро кушодааст. Ба воситаи он маълумот дар бораи фаолияти меҳнатии шахс, сертификатҳо, хешу ақрабо ташаккул меёбад. Инчунин агар шахс аз платформаи vacancy.argos.uz истифода бурда бошад, маълумот оид ба натиҷаи марҳилаҳои тест, инчунин ҷазоҳои интизомӣ, рағбатнокшавиҳо, индекси объект ва вазни танаи ӯ тақдим карда мешавад.

Гуфта мешавад, имконияти мустақилона ворид намудани ин маълумот аз ҷониби шаҳрванд низ дар портал фароҳам оварда шудааст. Ҳар як маълумоти дурусте, ки ба система ворид карда шудааст, омили муҳими кори самараноки ҳар як фард маҳсуб меёбад. Ҳар як муроҷиат аз ҷониби намояндагони масъули агентӣ мавриди омӯзиш қарор мегирад ва дар муддати кӯтоҳ ба шаҳрванд посух дода мешавад.

Агар нисбати муроҷиати шаҳрванд аз ҷониби вазорату идораҳо ва ҳокимиятҳо беэътиноӣ карда шавад, шаҳрванд ба зудӣ метавонад дар бораи он аз тариқи портал агентиро огоҳ кунад. Зеро агентӣ тарафдори рушди низом, ҷалб намудани кадрҳои потенсиалӣ ва рақобатпазир дар заминаи имкониятҳои баробар барои хизмати давлатӣ мебошад. Набояд фаромӯш кард, ки мизони асосии он манфиати мардум аст!

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори**
**“Овози тоҷик”.**

# «МАН ДАР ДИЛАТ ҶО МЕШАВАМ!»



***Хоҷа 28-уми октябри соли 1972 дар деҳаи Боғичорбоғи ноҳияи Деҳқонободи вилояти Қашқадарё ба дунё омадааст. Дастпарвари факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд (1990-1995) буда, аз соли 1995 то соли 2020 дар Донишкадаи забонҳои хориҷӣ ва Донишкадаи тиббии Самарқанд ба донишҷӯён аз фанни таърихи фалсафа дарс додааст. Ҳоло фаъолияти худро дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд идома медиҳад. Рисолаи номзадияш дар мавзӯи «Ҷаҳонбинии фалсафии Азизиддин Насафӣ» мебошад.***

***Хоҷа шоири пухтакору нуктасанҷ, ҳассосу нозукхаёл аст. Аз адабиёти форс-тоҷик огаҳии хуб дорад. Шеърҳояш мазмунҳои ишқиву ирфонӣ ва иҷтимоиро фаро гирифтаанд.***

***Маҷмӯаи нахустини шоир «Паёме аз жарфои сукут» соли 1997 ба табъ расидааст. Соли 2005 ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон пазируфта шуд. Маҷмӯаи дуюмаш дар дасти чоп аст.***

***Хоҷа тахаллуси адабии шоир буда, номи аслиаш Норхоҷа Ҷоризода мебошад. Шеърҳояш дар матбуоти даврии ҷумҳуриҳои Ӯзбекистону Тоҷикистон ва Эрон интишор гардидаанд.***

***Шоирро ба муносибати 50-умин солгарди умраш табрик гуфта, барои алоқамандони каломи бадеъ чанд шеърашро пешкаш менамоем.***

**Дилшода ФАРҲОДЗОД.**

## АЗ ИШҚИ ТУ ТО ИШҚИ ҲАҚ

*Бонги хурӯси субҳаму «қу-қу» ба «қо-қо» мешавам,*
*Мансур «Анал Ҳақ!» гуфту ман бонги «Анал-Ло!» мешавам!*
*Ман бе ту танҳо мешавам, ман бо ту якто мешавам,*
*Ту дар дилам ҷо мешавӣ, ман дар дилат ҷо мешавам!*
*«Ман!...» мешавам, «Мо!...» мешавам, «Ҳу!...» мешавам, «Ҳо!...» мешавам,*
*«Ё!...» мешавам, «Ло!...» мешавам, чашму сару по мешавам,*
*Ман боз эҳё мешавам, ман аз ту гӯё мешавам!*
*Ман ман наям, ту ту наӣ, ман дар туам, ту дар манӣ!*
*Ин нест кори манманӣ, ман аз ту ҷӯё мешавам!*
*Ман бо тулӯъи Офтоб, чун шеър иншо мешавам,*
*Дар меҳри ҳар як фарди Ҳақ, чун барқ илқо мешавам,*
*Аз ишқи ту то ишқи Ҳақ ман боз гӯё мешавам!.*

***

*Садоям, ҳайратам, ойинаам, оғози берангам,*
*Навоям, нолаам, оҳам, фиғонам, ишқам, оҳангам!*
*Ту аз рози ниҳони ҷавҳари рӯҳам чӣ мепурсӣ?!*
*«Нафахта фиҳӣ мин рӯҳӣ» дамида дар дили тангам!*
*Нафас сури қиёмат менавозад дар вуҷуди ман,*
*Латифам, гавҳарам, рози ниҳонам, шӯъла дар чангам!*
*Даруни қолиби дилмурдагони олами маънӣ,*
*Дамам, рӯҳам, паёмам, зиндаҷонам, фарри фарҳангам!*
*Навои ишқ бармехезад аз сози вуҷуди ман,*
*Навои обшорон аз раги андешаи сангам!*
*Абас бар панҷаи ман панҷа ранҷа мекунӣ, медон:*
*Насимам, шӯълаам, барқам, ба зулмат рӯ ба рӯ ҷангам!*

***

*Эй ҷон фидои нози ту, бо нози ту овехтам,*
*Қурбони нозат ҷони ман, ҷонро ба ҷон-т омехтам!*
*Ишқи ту омад ногаҳон, оташ ба ҳоли ман фиганд,*
*В-аз оташи ишқи ту дар дил растахез ангехтам!*
*Аз шӯълаи ишқи ту сар то пойи дил оташ гирифт,*
*Хокистари худро даруни хонаи дил бехтам!*
*Дар роҳи ман сад дом аз рашку ҳасад бигзоштанд,*
*В-он домҳо бибридаму тори ҳасад бигсехтам!*

**ХОҶА.**


Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
**Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.**
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1025. Адади нашр 4697 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.
Муҳаррири навбатдор:
С. Бекназарова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 02.30

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.